Фаттоҳ МАҶИДӢ

# НЕКӢ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД

Нашриёти "Зарафшон"
Самарқанд - 2005

Фаттоҳ МАҶИДӢ

# НЕКӢ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД

Нашриёти "Зарафшон"
Самарқанд - 2005

Нашри адабию бадей

Фаттоҳ МАҶИДӢ

# НЕКӢ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД

Нашриёти “Зарафшон”,
Самарқанд-2005, 40 саҳифа

***Устод Фаттоҳ Маҷидӣ баробари шеъргӯӣ дар наср ҳам қувва меозмояд. Ҳикояву воқеаҳои хурд-хурд менависад. Ӯ дар ин китоби “Некӣ фаромӯш намешавад” асосан дидаву шунидаҳои худро ба тарзи ҳикоятҳо ба қалам додааст, ки аксарияти онҳо аҳамияти калони ахлоқӣ, тарбиявӣ ва ҳатто таърихӣ доранд.***

© Фаттоҳ МАҶИДӢ

## *МАРДИ ДАРЁДИЛИ ДИДАДАРО*



Фаттоҳ Маҷидӣ (Маҷидов) соли 1931 дар деҳаи Мотуруд ба дунё омада, дар муҳити шоирхези Самарқанд тарбия ёфтааст. Ӯ ҳарчанд дар институти хоҷагии қишлоқ таҳсил гирифта, пасон ҳамчун омӯзгори ин гуна донишкадаҳои кишоварзии Ӯзбекистону Тоҷикистон кор кардааст ва оиди соҳаи байторӣ рисолаҳои номзадиву докторӣ навишта, ба унвони профессори илм ноил гардидааст, табиатан адибу шоир аст. Табъи пуртуғёни эҷодкорӣ дораду сӯҳбатҳояш гарму ширин.

Агар солҳои пеш гоҳ-гоҳ илҳоми муаллим ҷӯш зада, шеъре нависад, баъди ба нафақа баромадан барои эҷод имконияти бештаре пайдо кард. Ҳатто маҷмӯаи шеърҳояшро таҳти унвони “Суруди Мотуруд” дастраси дӯстон гардонд.

Устод Фаттоҳ Маҷидӣ дар наср ҳам қувва меозмояд. Ҳикояву воқеаҳои хурд-хурд менависад. Ӯ дар ин китоби “Некӣ фаромӯш намешавад” асосан дидаву шунидаҳои худро ба тарзи ҳикоятҳо ба қалам додааст, ки аксарияти онҳо аҳамияти калони ахлоқӣ, тарбиявӣ ва ҳатто таърихӣ доранд.

Маҷмӯаи “Некӣ фаромӯш намешавад” аз се қисмат иборат аст. Дар қисмати аввал муаллиф аз саргузашти худ ё қарибонаш нақл кунад, дар қисмати дуввуми китоб сухан аз ҳаёти аҳли адабу ҳунар меравад. Қисмати саввуми маҷмӯаро воқеаҳо, ҳикояҳо ва ривоятҳо ташкил мекунанд. Шояд қисме аз ҳикояву воқеаҳо барои баъзеҳо шинос намояд, ки ин табиист. Зеро ин дурдонаҳои халқиро муаллиф ба таври ба худ хосе нақл менамояд.

Чакидаҳои хомаи Фаттоҳ Маҷидӣ ҳама кӯтоҳу мӯъҷазанд. Дар ҳаҷми хурд мақсад ва ё мазмуни зиёдеро ғунҷонда тавонистан ҳам ҳунар аст. Боз мӯъҷазбаёнӣ аз заруратҳои даврони техникаи тараққикардаву компутер буда, ҳам вақти зиёдеро намегираду ҳам хонандаро дилгир намесозад.

Умед дорем, ки маҷмӯаи нави “Некӣ фаромӯш намешавад”-и муаллим Фаттоҳ Маҷидӣ писанди хотири ҳаводорони каломи бадеъ мегардад.

**Бахтиёри ҶУМЪА.**

# Аз саргузаштҳо

## ШАРОФАТ

Падарам (Абдулмаҷид Ҳафизов мулло бошанд, ки бо устогиву деҳқонӣ рӯз мегузарониданд) дар зери тарбияи бобою тағо ва модаркалонам ба воя расидаанд. Ҳатто бо тоғояшон дар масҷид ба ибодату қироат машғул шудаанд. Боре тағояшон аз масҷид баромада, се рӯз намеоянд. Дар ин муддат падарам гуруснаву ташна дар масҷид мемонанд. Баъд хаёли ба кӯча баромадан ба сарашон меояд. Аз дари ҳуҷраи масҷид ба кӯча баромада, лаҳзае таваққуф мекунанд, ки касе мегӯяд:

- Тақсир, доред!

Бинанд, дар рӯ ба рӯяшон - эҳтимол ҳазрати хоҷаи Хизр бошанд, - як пирамарди нуронии хушқаду қомат. Ришаш мошубиринҷу аз ду бари рӯяш нур меборад. Домани яктаҳи тозаву озодааш - пури нон. Зуд падарам домани яктаҳашонро медоранд. Пирамард нонҳоро ба домани яктаҳи падарам холӣ карда, дуои неке мекунад.

Баъди ҳамин воқеа падарам - мулло Абдумаҷид - дигар рӯи гуруснагиро надидаанд. Ҳатто дар синни 14-солагӣ имоми масҷиди деҳаи Довул таъин мегарданд. Дар ин ҷо як одате будааст, ки то имом наояд, мардум ба хӯроки хӯрӣ сар намекарданд.

## ИХЛОС

Эшони Султонхон шахси қоматбаланди қоқ буд. Ҳамеша дар сар салла, дар тан яктаҳ ва дар даст асои ғурумдоре дошт. Аҳли бозор ба вай "тӯраам" гӯён муроҷиат мекарданд ва ихлоси баланд доштанд.

Падарам эшони Султонхонро дида, "ин одам намоз нахонад, рӯза надорад, чаро мардум ба ӯ ихлос мекунанд", гуфта ба қавле шаккокӣ мекунанд.

Вале ин дер давом намекунад.

Як пагоҳ эшони Султонхон дар назди чойхонаи шаҳр пайдо мешавад. Ҷавонҳое, ки аксаран бойбачаву савдогарҳо буданд ва дар чойхона менишастанд, эшонро дида, ба пешвозаш аз ҷой мехезанд.

- Хуш омадед, тӯраам, марҳамат, аз боло гузаред!

- Нон ҳаст? Қаймоқ доред? - эшон, ки аксар ба забони ӯзбекӣ гап мезад, ба ин лафз мепурсад.



- Ҳозир мешавад, тӯраам, - гуфта зуд яке аз онҳо нону каймоқ харида меорад.

Эшони Султонхон нону қаймоқро гирифта, ба пеши се нафар бечорае, ки дар як гӯшаи чойхона менишастанд, гузошта баромада меравад. Он шахсони бечораҳол ҳайрон. Мепурсанд, ки ин одам кист? Ҷавоб медиҳанд, ки ин одам эшони Султонхон аст.

- Мо се рӯз боз гуруснаву ташнаем, - мегӯяд яке аз онҳо. - Пулҳоямонро дуздиданд. Барои ёрӣ ба хешу табор хабар фиристодем, то ҳол аз онҳо дарак не. Ин эшон авлиё буданду аҳволи моро фаҳмида, ёрӣ расониданд.

Падарам, ки шоҳиди ин воқеа будаанд, ба эшони Султонхон ихлос пайдо мекунанд.

## "ПЁНИСТКА" МЕШАВАМ!

Ман ду амак доштам: яке Салимбой - муаллим буданду дар райони Косонсойи вилояти Намангон кор мекарданд ва ба хонаи мо фақат дар давраи таътили тобистона меомаданд. Дигарашон - Ортиқбой. Ин амакам устоӣ мекарданд. Дар шаҳру районҳои гирду атроф иморатҳо месохтанд ва зуд-зуд ба хонаи мо омада меистоданд.

Ортиқбойамакам ба хона оянд, барои ман ид барпо мешуд. Он кас маро ҳамроҳ гирифта, ба тамошо мебурданд, зиёфат медоданд ва ба кисаам пул андохта, маро "бой" мекарданд. Барои ман одами нағзтарини рӯи дунё Ортиқбойамакам буданд.

Ортиқбойамакам ошиқи арақ буданд. Бинобар ҳамин аксарият он касро "пиёнистка" мегуфтанд. Ин гап дар тасаввуроти кӯдаконаи ман ҳамчун сифати зӯру олии одамгарӣ буд.

Дар як меҳмонӣ зане аз ман пурсид:

- Фаттоҳҷон, ту калон шавӣ, кӣ шудан мехоҳӣ?

- Пиёнистка! - ҷавоб додам.

Модарам ин ҷавоби маро шунида, ду даст ба сари зону заданд ва бо маломат гуфтанд:

- Вой ман мурам! Ҳоло ту пиёнистка шудан мехоҳӣ?

- Ҳа. - бо ҳамон ҷӯшу хурӯш гуфтам. - Ортиқамаки пиёнисткаам одами нағз-ку?! Он кас моро ба сайру тамошо мебаранд. Бароям ҳар чиз харида медиҳанд, боз ба кисаам пул меандозанд...

## ГУЛИ КОЛХОЗ

Соли 1933 падару модарам дар колхози "Қизил намуна" кор мекарданд. Солҳои душвор буд. Аҳли оилаи мо ҳам бо азоб рӯз мегузарониданд. Гови моро кадоме дуздид. Падару модарам

қарзу қавола карда, гови дигар хариданд. Ҳама умедамон ба шири он гов буду мо даҳдаста ба он мечаспидем.

Як рӯз падарам говро дар кӯча мебанданд, ки алафҳои ду тарафи онро хӯрда сер шавад. Чӣ мешаваду чӣ мемонад, ки гов ресмонашро канда, ба пахтазори хоҷагӣ медарояд. Бригадир онро дошта, ба идораи колхоз бурда месупорад.

Падарам аз воқеа огоҳ шуда, ба назди раиси колхоз меравад. Узр мепурсанд, ки дигар ин кор такрор намешаваду говро гашта диҳад.

Раис бо қаҳру ғазаб ба сари падарам дӯғ мезанад:

- Гови шумо барги пахтаро хӯрд, ба хоҷагӣ зарар расонд. Барои ҳамин он аз они колхоз шуд, равед, говатонро намедиҳем.

- Бе гов зиндагониамон душвор мешавад, раисбобо, - бо илтимосу зорӣ мегӯянд падарам. - Дегамон ба умеди шири ҳамин гов. Илтимос, говро диҳед, бори дигар ҳамин аҳвол такрор шавад, баъд ихтиёратон...

Раис аз гапаш намегардад. Падарамро сарзаниш карда, ҳақоратҳои қабеҳ медиҳад. Падарам ҳам болои қаҳру ғазаб мегӯянд:

- Хайр, гови мо фақат барги пахтаро хӯрдааст, ин ҳеҷ гап не. Вале шумо гули колхозро хӯрда гаштед-ку!

Ин суханон баробари ҳукми қатли худро хондан буд.

Ва падарам худи ҳамон шаб бо аҳли оила ба ноҳияи Хатирчӣ мегурезанд.

## ЗАДА БАРОМАД

Тирамоҳи соли 1946. Дар тӯйи никоҳии Нубувватойтӣ маро пеши асп шинонданд. Мувофиқи таомул мо ёр-ёргӯён ба гузари Иброҳимхоҷа - хонаи домод расидем. Аз рӯи одат аввал маро розӣ карданд: ба дастам сад сӯм дода, баъд келинро аз асп фароварданд.

Мардҳоро ба меҳмонхонае таклиф карданд. Амакам, ки карасинфурӯшӣ мекардандy каме нӯшида буданд, аз дастам дошта "рафтем" гуфтанд. Дар меҳмонхона моро меҳмондорӣ карданд. Винохӯрӣ ҳам сар шуд. Баъд кадоме доира овард. Дар хона, ки ҳама мардон буданд, доирабазм тафсид. Раққосҳо ба рақс баромаданд. Амакам мастомаст аз киса пул бароварда, ба онҳо мечаспонданд. Дере нагузашта пулҳояшон тамом шуд.

- Ҷиян, ҳамон сад сӯматро ба ман деҳ, - гуфтанд амакам, - ман ба раққос часпонам, сонӣ ба ту аз хона гирифта медиҳам.

Ман пуламро додам. Он ҳам зуд "еми" раққосҳо шуд.

Аз байн 10-15 рӯз гузашту аз пулам дарак не. Ман ба назди модаркалонам рафта, аз болои амакам шикоят кардам. Модар-



калонам, яъне модарашон инро ба амакам гуфтаанд. Амакам ҷавоб додаанд, ки "ман ба падари ӯ карасин дода, пулашро нагирифтам. Фаттоҳ сад сӯмашро аз падараш гирад".

Инро шунида, сахт хафа шудам. Ҳатто ба падарпам чизе нагуфта, худ ба худ дуо кардам:

- Илоҳо пули ман сад баробар зиёд шуда, зада барояд!

Аз байн чанд рӯз нагузашта, амакам бо карасинфурӯшӣ ба даст афтоданд ва даҳ ҳазор сӯм ҷарима супурданд.

Ин сад баробари пули ман буд.

## АЗ НОН РӮ ГАРДОНДАН - НОШУКРӢ

Тобистони соли 1947 падарам ба беморхона афтоданд. Як рӯз хабаргирӣ равам, гуфтанд:

- Писарам, имшаб хоб дидам. Хоби нағз. Барои ҳамин аз бозор даҳта нон харида, ба гадоён тақсим карда деҳ.

Рӯзи дигар ман аз паи иҷрои супориш шудам. Нон харида, як-як ба гадою камбағалони бозор тақсим карда баромадам. Боз як нон дар дастам боқӣ монд. Дигар гадое ба назар наменомуд. Ҳамин вақт чашмам ба марди хобидае афтод: вай сиёҳтоб ва мӯйлаб дошт. Сару либосаш ҳам кӯҳнаву дарида буд. Болои сараш омадам. Вай чашмонашро нимкоф карда буд, ки ман нонро дароз кардам.

- Ҳӯ ҳайвон, ту маро гадо гумон кардӣ?! Э очата... Ҳозир хезам, мебинӣ! - гӯён аз ҷой хеста, маро сур кард. Ман аз тарс гурехта чи хел ба каппони мавизфурӯшон омада монданамро надониста мондам. Ҳамин вақт як кас маро ба оғӯш кашида гуфт:

- Натарс бачем, ман дар ҳамин ҷо!

Ин мард ҷӯраи падарам - Ҷӯрақулбобо буд. Ӯро дида дигар он мард ба наздамон наомад.

Ман воқеаро гуфта додам. Ҷӯрақулбобо бо надомат гуфт:

- Вай одами нағз набудааст. Аз нон рӯ гардондан - ношукрӣ. Нонро гирифтанаш даркор буд. Ба ман нигоҳ кун: ман як одами дуруст, сару либосам ҳам бад не. Кадом рӯз як кас дуто нон дод. Гирифтам. Баъд ба гадое додам. Ту ҳам нонатро ба ман деҳ.

Ман нонро ба Ҷӯрақулбобо додам.

Аҷаб дунёе! Баъди се сол боз бо ҳамон одам рӯ ба рӯ шудам. Вай ба сӯи ман даст дароз карда, садақа пурсид.

## КОМАНДИР ШАРМАНДА ШУД

Соли 1951 мувофиқи реҷаи таълим донишҷӯён бояд аз тайёрии ҳарбӣ мегузаштанд. Ман бемор шуда будам. Як сол пас ҳам-

роҳи донишҷӯёни курси дуввум, ки маро намешинохтанд, бистрӯза ба лагери ҳарбии Тавоқсойи Тошканд рафтем.

Ман он вақт хароб будам. Ҳамагӣ 47 кило вазну 170 сантиметр қад доштам. Вазифаи командири отделенияро Чорӣ Аҷниёзов ном ҷавони хоразмӣ, ки қомати баланд, чашмони кабуд ва ҷуссаи паҳлавонона дошт, ба ҷо меовард. Вай ҳамеша ба ман назарногирона нигоҳ мекард.

Яке эълон карданд, ки бо тамоми ҷиҳозоти ҳарбӣ ба масофаи 8 километр медавем. Инро шунида командирамон Чорӣ Аҷниёзов ба назди ман омада гуфт:

- Шумо ба ягон ҷо пинҳон шуда, ба давидан набароед. Набошад, тамоми взводро қафо кашида, моро шарманда мекунед.

Ман розӣ нашудам. Агар надавам, бӯи"губах" меомад.

Кросс сар шуд. Қисми аввал - 500 метрро бо противогаз давидем. Баъд онро аз рӯямон кашида, давиданро идома додем. Ман оҳиста тозам, ки бо як маром метохтам. Аз байн чанде нагузашта, аз баъзеҳо пеш гузаштам. Масофа ним нашуда, аҳволи Чорӣ Аҷниёзов бад шуд. Командири взвод фармуд, ки туфанги ӯро гирам. Баъд противогази вайро ҳам бардошта тохтан "насиби" ман гашт. Хулоса, баъзеҳо то охир давида натавониста бошанд, ки ман саввумин шуда ба марра расидам.

Чорӣ Аҷниёзов сархаму шарманда шуд.

## ДУХТАРИ СЕРГӮШТАЙ

Тобистони соли 1953 бо фармони вазорати хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон маро ба Дарвоз фиристонданд. Чил рӯз зидди вабои чорво чораҳои зарурӣ дидем. Бо бисёриҳо шиносу ошно гаштем. Мардуми меҳмоннавози Дарвоз зуд-зуд маро ба хонаҳояшон даъват мекарданд.

Дар яке аз меҳмониҳо марди тахминан 40-45 сола аз ман пурсид:

- Бача, ту зан дорӣ?
- Не, - гуфтам ман.
- Чаро зан надорӣ? - боз пурсид ӯ.

Ман ҷавоб додам:

- Ҳоло ҷавонам.
- Эй бачаи нодон, - хандида гуфт ӯ, - зан дар ҷавонӣ хубай.
- Хайр, киро гирам? - пурсидам ман.

Онҳо пасу пеш номи духтаронро ба забон оварданд:

- Духтари Мурод чи турай? Синаҳои таранг дорад.
- Намешавад.
- Набераи Абдулло чӣ? Қадаш мисли сарвай?
- Намешавад.
- Ҷияни Фатҳулло чашмони базебу хироми товус дорад.



- Вай чӣ?
- Намешавад.

Ман, ки ягонтои онҳоро намешинохтам, ба ҳамаи пурсишҳояшон "намешавад" гуфта ҷавоб мегардондам. Аз ин ҷавобҳои ман як марди калонҷусса, ки бо чашмонаш маро хӯрам мегуфт, ба танг омада пурсид:

- Инаш намеша, ваяш намеша, ҳо бача, охи кира мегирӣ?

Ман танҳо ҷияни чӯпоне, ки Моҳҷон ном дошту ба мо дӯғ меовард, мешинохтам ва гуфтам:

- Моҳҷонро мегирам.

Инро шунида, ҳама хушҳол шуданд. Он мард гуфт:

- Вай ҳам меша. Духтари сергӯштай, кайф мекунӣ...

## АДРЕСИ ҶӮРАИ ТАҒОЯМ

Падарам Маҳмуд ном тағо доштанд. Тағои падарам шахси нохонда бошанд, ки одами чақ-чақӣ, воҳимачӣ ва дӯстдори суханҳои баландпарвоз буданд. Дар корҳои тиҷорат ҳамто надоштанд. Аксаран гилемфурӯшию даллолӣ мекарданд.

Ман соли 1959 ба назди роҳбари илмиам - Михаил Иванович Лебедев ба Ленинград рафтанӣ шудам. Тағоям аз ин сафари ман хабардор шуда, гуфтанд:

- Агар ба Маскав равӣ, адреси ҷӯраамро медиҳам. Ҷӯраам рус, директори магазини гилемфурӯшӣ. Ба ту бо нархи арзон гилем ёфта медиҳад.

Ман бовар кардам. Ба хонаашон рафтам, ки адресро гирам, тағокалон гуфтанд:

- Ту корҳоятро кардан гир. Пеш аз рафтанат биё, ман адреса ба ту медиҳам.

Ман хурсандона ба хона баргашта, тайёрии сафарро медидам. Як рӯз пеш аз рафтан боз ба хонаашон омадам.

Тағокалон ба ман адресро аниқ карда гуфтанд:

- Ҷиян! Ман адреса хуб кофтаму наёфтам. Лекин ту ғам нахӯр. Ҳамин, ки ба Маскав рафтӣ, ту вайро даррав меёбӣ. Номаш военний логир, як уруси дарози кабудчашми заб-зарди ба чор подшоҳ маълум. Худо барори кората диҳад!

## "МАРДИКОР"

Тобистони соли 1979 аз хонадор кардани писарамон се-чор моҳ гузашта буд. Ман бо либосҳои корӣ дар ҳавлӣ ток мебуридам. Яке дар тақ-тақ шуд. Баромадам, ки зану марди ҷавоне. Саломи алейк кардем. Онҳо пурсиданд:

- Аз соҳибони хона ягон кас ҳастанд?
- Ҳа, ҳозир, - гуфта ман ба дарун даромадам.

роҳи донишҷӯёни курси дуввум, ки маро намешинохтанд, бистрӯза ба лагери ҳарбии Тавоқсойи Тошканд рафтем.

Ман он вақт хароб будам. Ҳамагӣ 47 кило вазну 170 сантиметр қад доштам. Вазифаи командири отделенияро Чорӣ Аҷниёзов ном ҷавони хоразмӣ, ки қомати баланд, чашмони кабуд ва ҷуссаи паҳлавонона дошт, ба ҷо меовард. Вай ҳамеша ба ман назарногирона нигоҳ мекард.

Яке эълон карданд, ки бо тамоми ҷиҳозоти ҳарбӣ ба масофаи 8 километр медавем. Инро шунида командирамон Чорӣ Аҷниёзов ба назди ман омада гуфт:

- Шумо ба ягон ҷо пинҳон шуда, ба давидан набароед. Набошад, тамоми взводро қафо кашида, моро шарманда мекунед.

Ман розӣ нашудам. Агар надавам, бӯи“губах” меомад.

Кросс сар шуд. Қисми аввал - 500 метрро бо противогаз давидем. Баъд онро аз рӯямон кашида, давиданро идома додем. Ман оҳиста тозам, ки бо як маром метохтам. Аз байн чанде нагузашта, аз баъзеҳо пеш гузаштам. Масофа ним нашуда, аҳволи Чорӣ Аҷниёзов бад шуд. Командири взвод фармуд, ки туфанги ӯро гирам. Баъд противогази вайро ҳам бардошта тохтан “насиби” ман гашт. Хулоса, баъзеҳо то охир давида натавониста бошанд, ки ман саввумин шуда ба марра расидам.

Чорӣ Аҷниёзов сархаму шарманда шуд.

## ДУХТАРИ СЕРГӮШТАЙ

Тобистони соли 1953 бо фармони вазорати хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон маро ба Дарвоз фиристонданд. Чил рӯз зидди вабои чорво чораҳои зарурӣ дидем. Бо бисёриҳо шиносу ошно гаштем. Мардуми меҳмоннавози Дарвоз зуд-зуд маро ба хонаҳояшон даъват мекарданд.

Дар яке аз меҳмониҳо марди тахминан 40-45 сола аз ман пурсид:

- Бача, ту зан дорӣ?
- Не, - гуфтам ман.
- Чаро зан надорӣ? - боз пурсид ӯ.

Ман ҷавоб додам:

- Ҳоло ҷавонам.
- Эй бачаи нодон, - хандида гуфт ӯ, - зан дар ҷавонӣ хубай.
- Хайр, киро гирам? - пурсидам ман.

Онҳо пасу пеш номи духтаронро ба забон оварданд:

- Духтари Мурод чи турай? Синаҳои таранг дорад.
- Намешавад.
- Набераи Абдулло чӣ? Қадаш мисли сарвай?
- Намешавад.
- Ҷияни Фатҳулло чашмони базебу хироми товус дорад.



- Вай чӣ?
- Намешавад.

Ман, ки ягонтои онҳоро намешинохтам, ба ҳамаи пурсишҳояшон “намешавад” гуфта ҷавоб мегардондам. Аз ин ҷавобҳои ман як марди калонҷусса, ки бо чашмонаш маро хӯрам мегуфт, ба танг омада пурсид:

- Инаш намеша, ваяш намеша, ҳо бача, охи кира мегирӣ?

Ман танҳо ҷияни чӯпоне, ки Моҳҷон ном дошту ба мо дӯғ меовард, мешинохтам ва гуфтам:

- Моҳҷонро мегирам.

Инро шунида, ҳама хушҳол шуданд. Он мард гуфт:

- Вай ҳам меша. Духтари сергӯштай, кайф мекунӣ...

## АДРЕСИ ҶӮРАИ ТАҒОЯМ

Падарам Маҳмуд ном тағо доштанд. Тағои падарам шахси нохонда бошанд, ки одами чақ-чақӣ, воҳимачӣ ва дӯстдори суханҳои баландпарвоз буданд. Дар корҳои тиҷорат ҳамто надоштанд. Аксаран гилемфурӯшию даллолӣ мекарданд.

Ман соли 1959 ба назди роҳбари илмиам - Михаил Иванович Лебедев ба Ленинград рафтанӣ шудам. Тағоям аз ин сафари ман хабардор шуда, гуфтанд:

- Агар ба Маскав равӣ, адреси ҷӯраамро медиҳам. Ҷӯраам рус, директори магазини гилемфурӯшӣ. Ба ту бо нархи арзон гилем ёфта медиҳад.

Ман бовар кардам. Ба хонаашон рафтам, ки адресро гирам, тағокалон гуфтанд:

- Ту корҳоятро кардан гир. Пеш аз рафтанат биё, ман адреса ба ту медиҳам.

Ман хурсандона ба хона баргашта, тайёрии сафарро медидам. Як рӯз пеш аз рафтан боз ба хонаашон омадам.

Тағокалон ба ман адресро аниқ карда гуфтанд:

- Ҷиян! Ман адреса хуб кофтаму наёфтам. Лекин ту ғам нахӯр. Ҳамин, ки ба Маскав рафтӣ, ту вайро дарров меёбӣ. Номаш военний логир, як уруси дарози кабудчашми заб-зарди ба чор подшоҳ маълум. Худо барори кората диҳад!

## “МАРДИКОР”

Тобистони соли 1979 аз хонадор кардани писарамон се-чор моҳ гузашта буд. Ман бо либосҳои корӣ дар ҳавлӣ ток мебуридам. Яке дар тақ-тақ шуд. Баромадам, ки зану марди ҷавоне. Саломи алейк кардем. Онҳо пурсиданд:

- Аз соҳибони хона ягон кас ҳастанд?
- Ҳа, ҳозир, - гуфта ман ба дарун даромадам.

Гумон кардам, ки онҳо хешовандони келинанд. Ба келин гуфтам, ки ба берун нигоҳ кунанд.

Келин баромаданд. Онҳо ба тӯйхабар омада буданд ва бо овози баланд мегуфтанд:

- Фардо албатта, ба тӯй раветон. Ҳамаатон, падарарӯсатон, профессорро ҳам таъин кунед. Падарам ба он кас интизор мешаванд.

Келин ба онҳо гуфтанд:

- Ҳозир истед, ман муллоамакамро ҷеғ мезанам. Худатон таъин кунед.

- Майлаш, бисёр нағз мешавад, - розӣ шуданд онҳо.

Ман боз ба берун баромадам. Хабарчиҳо бисёр шарм доштанд. Онҳо дар аввал гумон кардаанд, ки ман мардикор бошам.

- Мебахшед, муллоамак, мо шуморо нашинохтем, узр...

- Ҳеҷ гап не, - онҳоро аз хиҷолат баровардани шуда гуфтам.
- Ин хел ҳолатҳо мешаванд.

## АЗ БАДӢ НАКАРДАН ШОДАМ

Солҳои шаст ман декани факултети ветеринарии Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон будам. Дар ҷанҷоли байни талабагон Мероҷ Абдураҳмонов ном донишҷӯи факултети мо ҳам ба рӯйхат афтодааст. Ин ҳодисаи нохуш дар маҷлиси умумӣ муҳокима шуд. Ҳама ба чунин қарор омаданд, ки ӯро шаш моҳ аз идрорпулӣ (стипендия) маҳрум намоянд. Барои иҷрои ин қарор рапорти декани факултет лозим буд.

Мероҷ Абдураҳмонов зодаи деҳаи кӯҳистони Панҷакент буд. Падар надошт. Дар хобгоҳ асосан бо нону чой зиндагӣ мекард. Ягон хешу табори дурусте надошт, ки ба ӯ ёрӣ расонад. Агар стипендия нагирад, маҷбур, ки хонданро тарк гӯяд.

Дастам нарафт, ки рапорт нависам. Гап шунида бошам, ки сабру тоқат кардам.

Аз байн моҳҳо гузаштанд, об ба лаби ҷӯй баробар шуд.

Мо ба Самарқанд кӯчида омадем. Аз он рӯзҳо қариб 15 сол гузашт. Рӯзе шогирдон маро бо мошин ба Панҷакент - ба тӯй бурданд. Тӯй тӯйи калон буд, нозу неъмат, хӯрданиву нӯшидани фаровон, ҳофизон хизмат мекарданд. Ин тӯй тӯйи хатнасури писари ҳамон Мероҷ Абдураҳмонов будааст. Вай микрофонро ба даст гирифта, ҳамон воқеаро ба ёд овард ва арзи миннатдорӣ баён кард. Ба ман тоқиву ҷома пӯшонда, бо иззату эҳтиром ба Самарқанд гуселониданд.

Абдураҳмонов як умр аз некии ман хурсанд бошад, ман аз бадӣ накардан то ҳанӯз шодам.



## МЕҲМОН БЕГӮШ НАМОНАНД

Пойҳоям хориш мекарданд. Шунидам, ки оби Оқсуви Шаҳрисабз шифобахш аст, барои табобат ба ҳамон ҷо рафтам.

Дар Мироқии Шаҳрисабз дӯсти наздикам - Убайдулло Шукуров мезист. Он ҷо равам, дӯстам ба Тошканд рафта будааст. Амакҳои ӯ - Хайрулло ва Нурулло маро меҳмондорӣ карданд.

Рӯзи аввал дар хонаи Хайрулло - раиси шӯрои қишлоқ меҳмон шудем. Рӯзи дуюм ба хонаи Нурулло - бухгалтери колхоз рафтем. Хонаи ин одам аз марказ дуртар буд. Ҳамроҳи мо прокурори район Азим Бобоҷонов ҳам буд, ки ба нӯшокӣ майли зиёде дошт. Ҳангоми зиёфат хуб нӯшида маст шуд ва ҳеҷ ба хонааш намерафт. Амаки Хайрулло, ки ҷӯрааш буд, бо гапҳои нағз ӯро ба берун баровард. Ман зуд ба ҷойгаҳ даромада, худро ба хоб задам, ки дигар гаранг накунад. Вале баъди хайрухуш Азим Бобоҷонов амаки Хайруллоро кофта, боз ба хона даромад.

- А-ҳа, ту дар ҳамин ҷо-ку? - гӯён вай аз гӯшам сахт дошта кашид.

Гӯшам дард кард. Бо вуҷуди он оромона гуфтам:
- Меҳмон бегӯш намонад.

Хатояшро фаҳмида сахт шарм дошт ва оҳиста баромада гурехт.

Аз байн чанд сол гузашт. Тасодуфан боз ба як тӯй ба Мироқӣ рафтам. Ин воқеа дар он ҷо хуб овозаю дарвоза шуда будааст, ки як марди ришу салладор гуфт:
- Боз меҳмон бегӯш намонанд.

Инро шунида яке зуд тӯйхонаро тарк кард.



# Аз ҳаёти аҳли адаб, илм ва ҳунар

## “МЕҲМОНДОРИРО АЗ МАН ЁД ГИРЕД”

Як бойи Самарқанд рӯзе Абдураҳмони Ҷомиро ба меҳмонӣ таклиф мекунад. Шоири номӣ ба хонаи бой меояд ва мебинад, ки одамони зиёди давлатманд ҷамъ омадаанд. Онҳо бо фахру такаббур гирди дастархони пурнозу неъмат нишастаанд. Ин зиёфату меҳмоннавозии аз ҳад зиёд ба шарафи Абдураҳмони Ҷомӣ ороста шуда буд. Мехӯранд, менӯшанд, сӯҳбат мекунанд. Пас аз анҷоми зиёфат меҳмонон як-як хеста мераванд. Танҳо Абдураҳмони Ҷомӣ мемонад.

Бой ба писараш мефармояд:

- Писарам, Ҷомибобои азизро то хонаашон гусел кун.

Писар бо ҷону дил Абдураҳмони Ҷомиро гусел мекунад. Вақте, ки шоир ба назди хонааш меояд, ба писари бой мегӯяд:

- Ба падаратон гӯед, меҳмоннавозиро аз ман ёд гиранд.

Писари бой ин гуфтаҳои Ҷомиро ба падараш мерасонад. “Аҷабо, тамоми нуқлу наво рӯи дастархон муҳайё буданд, хурмату эҳтиромашонро ба ҷо овардем. Боз чи норасоие аз мо гузаштааст, ки чунин гуфтаанд?” - гӯён дар тааҷҷуб мемонад. Баъд писарашро ба хонаи Абдураҳмони Ҷомӣ мефиристад, ки рӯзи меҳмоншавиро аниқ карда ояд.

- Марҳамат. - ба писари бой мегӯяд шоир, - кай вақте, ки хоҳанд, омадан гиранд.

Рӯзи дигар бой бо савлату такаббур ба хонаи Абдураҳмони Ҷомӣ меояд. Мебинад, ки ҳеҷ гуна тайёрӣ нест. Соҳибхона ӯро пешвоз гирифта, ба хона медарорад. Дастархон кушода, нону чой меоранд. Баъд таомро мекашанд.

Бой ҳайратомез аз Абдураҳмони Ҷомӣ мепурсад:

- Тақсир, ман ба ҳеҷ чиз сарфаҳм нарафтам. Шумо гуфтед, ки меҳмоннавозиро аз ман ёд гиред, меҳмоннавозиатон ҳамин аст?

- Ҳа, - дар ҷавоб мегӯяд шоир. - Мо ба қабули меҳмон ҳамеша тайёр. Дарамон ба рӯи меҳмон кушода, кай хоҳанд, биёянд, марҳамат, нури дида. тоҷи сар. Лекин шумо барои меҳмондорӣ кардани ман тайёрӣ дидед, харид кардед, чандин



хел таом пухтед. Хулоса, хараҷот аз ҳад зиёд шуд. Албатта, баъди зиёфат дар дил гуфтед: э афсӯс, ба зиёфат ҳамин қадар маблағ рафт - а...

Бой мулзам шуд.

## ТӮМОР

Бобораҳими Машраб ҳаракӣ гуруснаву ташна ба деҳае расид. Байни ҳавлиҳои пасту баланди фақирона чашмаш ба иморати бошукӯҳе афтод. Гумон кард, ки ин ҳавлии шахси бой аст ва дарро тақ-тақ кӯфт.

Канизаке баромад.

- Ин ҳавлии бой аст? - пурсид шоир.

- Бале, ин хонаи бойбобо, - ҷавоб дод канизак.

- Даромада, аз бойбобо пурс. Илтимоси маро расон. Ман як шахси дарвеш, қаландар ҳастам, ба ман як шаб дар меҳмонхонаашон ҷой диҳанд, пагоҳ хеста боз ба роҳам меравам.

Канизак илтимоси Машраброро ба бой расонд. Бой шарт гузошт:

- Зани ман як ҳафта боз азоб мекашад, вале таваллуд карда наметавонад. Агар вай авлиё бошаду тӯморе навишта диҳад ва занам таваллуд кунад, ҷой медиҳам, набошад - не.

Каниз шарти бойро ба Машраб мерасонад. Машраб қоғазу қалам талаб карда, чизе дар он менависад ва онро ба шакли секунҷа – тӯмор қат карда, ба дасти канизак медиҳад ва мефармояд, ки тӯморро болои ишками зани дуҷон гузоранд.

Канизак ба дарун медарояд. Аз рӯи фармоиши шоир онро рӯи ишками зан мегузоранд, чашми зан равшан шуда, кӯдак ба дунё меояд.

Аз ин кароматӣ дарвеш хурсандии бой ва аҳли оилааш зиёд мешавад. Зуд ӯро ба хона даровардa, обу зиёфат медиҳанд ва ҷома мепӯшонанд. Харашро ҳам фаромӯш намекунанд.

Субҳидам Машраб аз хоб хеста, ба роҳаш идома медиҳад.

Муллоҳои деҳа баъди намози бомдод мефаҳманд, ки бой фарзанддор гаштааст, ба табрикаш меоянд.

Бой бо қаҳру ғазаб ба онҳо мегӯяд:

- Равед-е! Як ҳафтаи дароз занам азоб кашид, ягонтои шумо ба дардаш даво ёфта натавонистед. Лекин нимишабӣ як қаландар омада, тӯморе навишта дод, занам зуд халос хӯрд.

- Бойбобо, эҳтимол он ягон дуои нав бошад, - гуфтанд муллоҳо. - Барорeд, мо ҳам хонда ёд гирем.

Бой туморро баровард. Дар коғази даруни он чунин навишта шуда буд:

“Ба харам ҷой, ба худам ҷой,
Зани бой - хоҳ зой, хоҳ назой!”.

## *АРИЗАНАВИСИИ ТУҒРАЛ*

Дар кӯҳистон Ҷумъабой ном марде умр ба сар мебурд. Ӯ Турсуной ном зан ва панҷ нафар фарзанд дошт. Чӣ мешаваду чӣ мемонад, ки Ҷумъабой дар дарёи Зарафшон ғарқ шуда, аз олам мегузарад. Ҳаёти ҳамсараш ниҳоят вазнин мегардад. Одамон ба ӯ маслиҳат медиҳанд, ки ҳамаашро дар ариза навишта ба қозӣ муроҷиат намояд.

Турсуной розӣ мегардад. Вале дар он солу замонҳо шахси маълумотноки аризанависро ёфтан душвор буд. Турсуной бо маслиҳати одамон ба деҳаи ҳамсоя, ба назди шоир эшони Туғрал меравад ва аҳволашро мефаҳмонад.

Нақибхони Туғрал қоғазу қалам ба даст гирифта, аз номи Турсуной ариза менависад.

Турсуной бо ариза ба назди қозӣ меояд. Қозӣ аризаро баъди хонда баромадан бо ду даст ишкамашро дошта механдад. Худро ба замин мепартояд, мехезад ва боз бо ҳамон аҳвол хандакунон ба ариза имзо мегузорад, яъне барои зиндагонии минбаъдаи Турсуной нафақа ҷудо кунанд.

Турсуной ва дигарон аз ин воқеа ҳайрон мешаванд. Матни ариза чунин буд:

Дод аз дасти фалак, мардак канӣ?
Ҷумъабойи зардаки пастак канӣ?
Беш ятимга бева қолди, Турсуной,
Садқаи саримга ӯлди, Жумабой?!

Нақибхони Туғрал ҳамчун шахси зираку доно феълу атвори қозиро, ки нағз медонист, барои ҳалли масъала чунин ариза навишта буд.

## *ТАЛАБИ ҲАҚҚОНӢ*

Солҳои ҷанг аксарияти хонаҳои шахсии шаҳр, аз ҷумла, хонаи шоири номии тоҷик Боқӣ Раҳимзода чароғи баркӣ надошт. Бинобар ҳамин рӯзе шоир ба қабули раиси комиҷроияи шаҳри Душанбе меравад ва илтимос мекунад, ки барои ба хонаи ӯ ҳам гузарондани чароғи электрикӣ иҷозат диҳад.

Раис илтимоси ӯро рад мекунад.

- Оё медонед, ки мо бо чӣ корҳои муҳим машғулем? - мепурсад Боқӣ Раҳимзода.

- Хабар надорам, - ҷавоб медиҳад раис.

- Шумо раиси мӯҳтарам, оё Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоиро медонед?

- Бале, медонам.

- Офарин! Мо ба корҳои тадқиқу таҳқиқи асарҳои ҳамин хел



алломаҳои машҳур машғулем, онҳоро мутолиа карда, андешаҳои худро баён мекунем. Барои ҳамин чароғҳои баркӣ ба мо ниҳоят зарур аст.

- Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ асарҳои оламшумули худро бо шамъу чароғҳои сиёҳ навиштанду наход барои хондани онҳо чароғи электрикӣ лозим бошад? - далел пеш меорад раис.

- Вақте ки онҳо асарҳояшонро менавиштанд, раиси горисполком набуд, барои ҳамин ҳам онҳо бо ин хел талабҳо муроҷиат карда наметавонистанд.

Раис аз ҳозирҷавобии шоир механдад ва иҷозат медиҳад.

## *БОҚӢ - САМАРҚАНДӢ*

Соли 1957 дар Тошканд ҳафтаи адабиёт ва санъати тоҷик ифтитоҳ ёфта, баъд дар вилоятҳо давом мекунад. Аз ҷумла, вохӯрии шоиру нависандагони Тоҷикистон дар зали университети давлатии Самарқанд ҳам барпо мегардад. Дар он бисёриҳо баромад мекунанд, шеъру суруд мехонанд, вале суханронихои Боқӣ Раҳимзода ҳамон аз ёди ман намеравад.

- Ман дар Самарқанд, дар институти дусолаи муаллимон таълим гирифтаам, - ҳамчун нотиқи мумтозу пурзаковат ба сухан сар кард шоир. - Аз фанни суруду мусиқӣ Қорӣ Сироҷ дарс медоданд. Муаллими риёзиёт рафиқ Шаҳидӣ буданд. Он кас талаби баланд доштанд, дарсгузариашон ҳам зӯр буд. Дар байни ду гап "шумо одам намешавед" мегуфтанд... Ана инро бинед, ки ман шоир шудам.

Залро мавҷи хушҳоливу ханда фаро гирифт. Боқӣ Раҳимзода ба давоми суханаш идома надода, кадоме луқма партофт:

- Боз домоди самарқандиҳо ҳам шудам гӯед!

Хандаю чапакзанӣ боз авҷ гирифт.

- Рафиқон, - суханашро давом дод Боқӣ Раҳимзода. - Самарқанд сайқали рӯи замин аст. Ҳамаи одамони машҳуру маъруфро ба хотир орем, ҳама аз Самарқанданд... Ҳозир ба хотирам ҳикояи Машраб омад. Вай харсавор ба ҳамин тарафҳо меомадааст. Дар роҳ гову гӯсфандони бисёреро мебинад. Пурсад, ки "инҳо аз они кӣ?". Ба вай ҷавоб медодаанд, ки "аз они Хоҷа Аҳрори Валӣ". Вай роҳашро давом дода, чашмаш ба галаи аспҳо меафтад. Пурсад, ки "ин аз они кӣ?" аспбонҳо гуфтаанд, ки "аз они Хоҷа Аҳрори Валӣ". Шутурони бисёреро дида пурсад, онҳо ҳам аз они Хоҷа Аҳрори Валӣ будаанд. То ба Самарқанд омадан чизе ба чашмаш нарасад, ҳамааш моли Хоҷа Аҳрори Валӣ будааст. Вай ноилоҷ аз хар фаромада, ба сағраш як халачӯб зада гуфтааст: рав-е, ту ҳам акнун моли Хоҷа Аҳрори Валӣ шав!... Ман баъди андешаҳои дурудароз, рафи-

қон, дидам, ки ҳама одамони машҳури ҷаҳон аксар самарқандӣ ҳастанд, ҳаққу ҳуқуқи бебаркаш дорам, ки бо фахр гӯям: "Боқӣ, ту ҳам самарқандӣ!".

## ШОИРРО ДАР ДАРУНИ ЛОЙ БИН

Эҳтимол соли 1966 бошад. Республикаи Тоҷикистон нақшаи пахтасупориро иҷро кард. Ба ҳамин муносибат, ба қатори дигарон шоири дӯстдоштаи мо Боқӣ Раҳимзода ҳам аз тариқи телевизион пахтакоронро табрик намуд.

- Рафиқ пахтакорон, шумо гумон накунед, ки ба ин ғалаба танҳо шумо ҳисса доред. Агар ҳамин хел гумон созед, сад фоиз хато мекунед, - ба сухан сар кард ӯ. - Мо шоирон ҳам дар чида ба давлат супурдани пахта иштирок кардем. Ман, Мирзоҷон (Мирзо Турсунзодаро ӯ ҳамин тавр ном мегирифт) ва дигар рафиқон ба пахтазор баромада, пахта чиндем. Як камтар пахта начида, миёнҳо дард хӯрд. Гуфтем, ки бас, ҳамин қадар чидем, мешавад ва ба тарафи шаҳр роҳ пеш гирифтем. Аввал то сари кӯчаи калон баромадан лозим меомад. Кӯчаро об зер карда, ҳама ҷо пурлой шуда будааст. Туфлиҳоямонро ба даст гирифта, пойлуч мерафтем: яке кӯча ба се тақсим шуд. Мо намедонистем, ки прямой равем, ба тарафи чап гардем, ё ба тарафи дасти рост. Дар гирду атроф касе ба назар наменамуд, ки роҳро пурсем. Дар болои баландии тарафи дасти рост як духтарчае менишаст ва ду чашми шаҳлояшро аз мо намемонд. Мирзоҷон аз ман хоҳиш кард, ки роҳро аз духтарак пурсам. Ман ҳам аз духтарак пурсидам:

- Ҳой духтараки зебо, ту Мирзо Турсунзодаро медонӣ?

- Ҳа, - ҷавоб дод духтарак, - ман сурати он касро дар даруни китоб дидам.

- Ин хел бошад, - гуфтам, - шоир Мирзо Турсунзодаро акнун дар даруни лой бин!...

## ДУОИ ЗӮР

Зодаи гузари Мирзопӯлоди шаҳри Самарқанд нависандаи ҳаҷвнигор Самад Ғанӣ баъди ба дунё омадани журнали "Хорпуштак"-и Тоҷикистон боз ҳам машҳуру маъруфтар шуданд. Одамон "Хорпуштак" гӯянд, Самад Ғаниро пеши назар меовარданду Самад Ғанӣ гӯянд - "Хорпуштак"-ро.

Адиб аз сабаби бемори ба беморхонаи республикавии шаҳри Душанбе меафтад. Дар палатаи ӯ котиби райкоми аз шаҳр дур ва раиси колхози ба шаҳр наздик ҳам табобат мегирифтанд. Бинобар ҳамин дами гарму дастовезҳо асосан аз хонаи Самад Ғаниву раиси колхоз меояд. Ҳар рӯз чандин хел хӯрокҳои гарму рангоранг - барракабобу мурғбирён, сихкабобу моҳӣ,



палаву манту, фатиру самбӯсаҳои варақин. Нӯшокиҳо ҳам фаровон. Дар бораи ширу қаймоқ ҳоҷати гап ҳам нест.

Рӯзе котиб ба Самад Ғанӣ рӯ оварда, хоҳиш мекунад, ки дар ҳаққи раис дуо кунад. Самад Ғанӣ зарифона баъди дуои ғафсу дурудароз чунин илова менамояд:

- Илоҳо раис аз мо пештар аз беморхона набароянд-дия!

## ЛАЪНАТ БА ИН КАСБАМ!

Дар меҳмонхонае бойҳо нишаст доштанд. Онҳо зиёфатро хӯрда, ба дастархон омин карда буданд ва акнун чойнӯшон сӯҳбат мекарданд. Ҳамин вақт ҳофизи машҳур Ҳоҷи Абдулазиз Абдурасулов аспакӣ меояд. Ҳама ӯро дӯст медоштанд ва орзуи шунидани сурудҳояшро мекарданд. Бинобар ҳамин зуд ба пешвозаш баромада, ӯро ба меҳмонхона медароранд ва аз пешгаҳ ҷой медиҳанд. Баъд аз ӯ таклиф мекунанд, ки суруд хонад.

Ҳоҷи Абдулазиз чанд суруд мехонад. Ҳамон аз дастархон дарак не. Берун баромада мебинад, ки дар пеши асп ҳам чизе нест.

Ба хона дароянд, боз хоҳиш мекунанд, ки суруд хонад. Ҳофиз дуторашро ба даст гирифта, чунин месарояд:

Ман ҳофизаму лаънат ба ин касбам,
Худам гуруснаву чи шуд ҳоли аспам?..

Ҳозирон зуд ба худ меоянд ва камбудиҳоро ислоҳ менамоянд: ба пеши ҳофиз дастархон кушода, ба аспаш ҷаву алаф медиҳанд.

## ДАВОИ ДАРДИ САР

Артисти Хизматнишондодаи Тоҷикистон Наим Ғиёсов, ки на танҳо дар Театри академии ба номи А.Лоҳутӣ, инчунин дар бисёр филмҳо нақш офаридааст, ба дарди сари сахте дучор мегардад. Дорую дармон фоида намекунад. Азобаш рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Яке аз дӯстонаш рӯзе таклиф менамояд:

- Ҷӯра, баъди ду рӯз аз Москва як профессор меояд. Ман бо вай шинос. Агар хоҳӣ, туро ба ҳамон профессор нишон медиҳем.

- Майлаш, - ҳарчанд дилаш аз доруву дармон ва табобати духтурон монда бошад ҳам, ноилоҷ розӣ мешавад ҳунарпеша.

Профессор меояд. Наим Ғиёсовро муоинакунон мепурсад:

- Ягон чизи бад медидагӣ, яъне намехӯрдагӣ доред?

- Ҳа, - ҷавоб медиҳад Наим Ғиёсов. - Ин қанд аст. Ман қанда намехӯрам.

- Ана, давои дарди саратон ёфт шуд, - мегӯяд профессор ва маҷбур мекунад, ки қанд хӯрад.

Ҳамин тавр артист як умр аз дарди сар халос мехӯрад.

## КАМОЛИ ХОКСОРӢ

Шодравон академик Ботурхон Валихоҷаев шахси хоксор, соҳибмаданият, хуштакаллуф ва ниҳоят оддӣ буданд. Боре он касро ба комитети ҳизбии шаҳр даъват мекунанд. Ин хабарро ба устод дар кафедра дертар мерасонанд. Бинобар ҳамин муаллим ҳам дертар ба горком меравад ва интизор мешаванд, ки кай даъват мекунанд.

- Имрӯз қабули одамони муҳим, - мегӯяд ба ҳозирон котибае, ки зани хеле зебову таннозе буд. - Котиб шумоёнро қабул карда наметавонанд, раветон.

Ин гуна гапро вай хитобан ба Валихоҷаев ҳам мегӯяд. Валихоҷаев ҳайрон. Баъд ҷуръат пайдо карда, бо овози форами худ, ки он лаҳза оҳанги узромез пайдо мекунад, ба котиба рӯ оварда мегӯянд:

- Хоҳарам... Ба ман гуфтанд, ки ин ҷо биёям. Ана ман омадам.

- Фамилиятон чист?

- Валихоҷаев.

Котиба аз шарм сурх шуда, ба замин менигарад.

- Мебахшед... Валихоҷаев шумо-мӣ? Марҳамат, дароед. Ҳама интизори шумо...

Муаллим даромада истода мешунаванд, ки котиба мегӯяд:

- Э ин одам бача барин-е! О омадан замон ман Валихоҷаев гӯянд мешуд-ку...

## СОҒОНАИ ҲОФИЗ

Шодравон Артисти халқии СССР Аҳмад Бобоқулов аз Душанбе ба Самарқанд омада, хокҷои Ҳоҷи Абдулазиз Абдурасуловро (1852-1936) зиёрат мекунад. Мебинад, ки қабри ромишгари машҳур, бастакор, Ҳофизи халқии Ӯзбекистон дар як ҳоли табоҳест, ба қабули котиби якуми комитети ҳизбии вилояти Самарқанд Бектош Раҳимов медарояд ва илтимос мекунад, ки барои бо нархи давлатӣ харида гирифтани се ҳазор дона хишти пухта ёрӣ расонад.

- Меҳмони азиз, ёфта додани хишти пухта барои мо душвор нест, - мегӯяд роҳбари ҳизби вилоят Бектош Раҳимов. - Лекин мо бояд фаҳмем, ки он барои чӣ лозим?

Аҳмад Бобоқулов нақл мекунад, ки ба қарибӣ анҷумани шашмақомхонҳои ҷаҳон барпо мегардад. Иштирокчиёни он, албатта, ба Самарқанд меоянд ва хоҳ-нохоҳ қабри ин устоди бузургро зиёрат кардан мехоҳанд. Вале қабр бошад, хароб, як ҳоли зоре дорад...



- Раҳмат ба шумо, - аз таҳти дил изҳори миннатдорӣ мекунад Бектош Раҳимов. - Инро ба мо гуфтед, нағз шуд. Мо аз ин тарафи масъала хабар надоштем. Шумо хотирҷамъ бошед, ин корро худамон ба ҷо меорем.

Дере нагузашта, болои қабри ин ҳофизи машҳур дар қабристони Хоҷаи Хизр соғонае пайдо мешавад.

## САНЪАТ ЧИСТ?

Соли 1951 ҳунарпешагони филармонияи давлатии Тоҷикистон бо сафари ҳунарӣ ба Самарқанд омаданд. Барандаи консерт артисти масхарабоз, иҷрокунандаи роли кӯҳнадӯз дар филми бадеии "Дидам ҷамоле" ва ғайра, ҳамшаҳрии худи мо Саъдӣ (Саъдича) Садриев буд. Вай, ки ҳар як консертро бо маҳорати баланд гирифта мебурд. Вай шахси хурдҷуссаву пастак буд, мардуми Самарқанд ба вай Ашмушка ном монда буданд. Дар охири консерт ҳангоми дуэтхонӣ бо зан (сарояндаи зан аз ӯ ду-се баробар калонтар буд) ӯ ба ҷои занро бардошта бурдан зан ӯро аз саҳна пари қу барин бардошта мебурд.

Дар яке аз чунин консертҳо вай ба аҳли зал рӯ оварда пурсид:

- Санъат чист? - ва ба ҳар хел ҷавобҳо эътибор надода, суханашро идома дод: - Сурудхонӣ санъат аст? Не, вай санъат шуда наметавонад. Актёрӣ чӣ? Актёрӣ ҳам санъат не. Рассомӣ? Тамоман санъат шуда наметавонад. Режиссёрӣ? Вай ҳам, рафиқон, ба санъат наздикӣ карда наметавонад. Композиторӣ магар санъат аст? Вай ҳам не. Дирижёрӣ чӣ? Тамоман санъат не. Ҳайкалтарошӣ? Асло ба қатори санъат дохил намешавад:.. - ва дар охир боз ба аҳли зал рӯ оварда, пурсид: - Албатта, чӣ будани санъатро фаҳмидан мехоҳед?

- Ҳа, ҳа, ҳа! - аз ҳар гӯшаи зал пасу пеш садоҳо баланд шуданд.

- Гӯш кунед, чӣ будани санъатро ман мегӯям: санъат ин ба ҳаммом даромада, беоб оббозӣ кардан аст!

- Қандата зане-е, Ашмушка! - қоил шуданд ҳама.

## НЕКӢ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД

Мурод ном ҷавоне солҳои бистуми асри гузашта аз Панҷакент омада, дар таги дари Расулбой ном шахсе хизмат мекунад. Дар муддати се соли хизмат ин ҷавони чаққону коркун ба дилу дидаи аҳли оила ҷой мешавад. Бо фарзандони Расулбой - Аминҷону Наимҷонҳо ҳамчу дӯсту бародар мегардад. Ӯро на танҳо аҳли ин оила, балки бисёр мардумони деҳаи Мотуруд дӯст медоранд.

Рӯзу моҳҳо мегузаранд. Фарзандони Расулбой калон мешаванд. Бо сабабҳои гуногун дороии Расулбой ҳам коста мегардад. Инро дида, Мурод намехоҳад, ки дар ин даргоҳ хӯрандаи зиёдатӣ бошад ва рӯзе ба Расулбой мегӯяд:

- Падари бузургвор, акнун ба ман рухсат диҳед. Ман мехоҳам, ки ба ватанам, ба кӯҳистон равам.

- Писарам, ҳамин қадар хизмат кардӣ, дар даргоҳи мо зиндагӣ кардӣ, акнун боз се рӯзи дигар тоқат кун. Ана баъд ба ту ҷавоб медиҳам.

- Хуб шудааст, - розӣ мешавад Мурод.

Баъди се рӯз Расулбой Муроди ҷавонро хуб дуо карда, пул медиҳад ва мегӯяд:

- Ду буққача, якта хар ва як халта биринҷро тайёр карда мондам. Акнун онҳоро ҳамроҳ гирифта рав.

- Падар, ин бисёр аст.

- Бисёр не, баръакс, кам аст. Агар ман имкон медоштам, боз бештар ба ту ҳаққи хизмат медодам. Ба ҳаминаш розӣ шав, писарам, - гӯён дубора рӯ ба қибла оварда, илова мекунад: - Илоҳо барака ёб, писарам, оиланок шав, аз паси фарзандонат баобрӯю машҳур гард...

Муроди ҷавон ба деҳаи кӯҳистонаш омада, хонадор мешавад. Буққаҳоро ба ҷуфт баста, замин ронда қариб ҳар сол ҳосили фаровон мерӯёнад.

Баъд ӯ фарзанддор мегардад. Ба писараш Ҷӯрабек ном мемонад. Вай аз сесолагӣ сурудхониву навозандагиро машқ мекунад ва ҳофизи машҳури Тоҷикистон мешавад.

Падари Ҷӯрабек Муродов то охири умр ҳамаи инро аз дуои неки Расулбой медонистааст.





# Воқеаҳо, ҳикояҳо, ривоятҳо

## АНГУШТАРИНИ ТИЛЛО

Пагоҳӣ ҳамсари Акрамҷон - Маърифатой ба сари тағораи ҷомашӯӣ нишаст. Ба ҷомашӯӣ ангуштарини калони тиллоияш халал расонд. Онро аз ангушташ бароварда, болои чорпоя гузошт ва корашро идома дод.

Баъди адои ҷомашӯӣ чойхӯрӣ мекунанд. Чанд нафар меҳмонон меоянд. Ба хонаашон боз ҳамсояҳо, хешу табор, ҷӯраву дугонаҳои фарзандонашон даробаро мекунанд. Хулоса, бо қабулу гусели меҳмонон, пухтупаз ва дигар корҳои хона рӯз бегоҳ мешавад. Яке Маърифатой ба дасташ менигарад, ки ангуштаринаш нест. Зада берун мебарояд, болои чорпояро мебинад, дигар ҷойҳоро мекобад, вале онро аз ҳеҷ куҷо намеёбад.

Ба андеша меравад, ки кӣ дуздидааст? Дил бало, аз ҳар кас гумонбар мешавад. Гоҳ меҳмонҳо, гоҳ ҳамсояҳо, гоҳ бачаҳоро зери шубҳа мегирад. Вале бо чашмаш, ки надидааст, киро дузд медорад?

Воқеаро ба шавҳараш мегӯяд. Ҳарду қарор медиҳанд, ки кори ношуда шуд, акнун ҷим гарданд.

Аз байн 5-6 моҳ гузашта, фасли тирамоҳ медарояд. Аз тарнаве об нафаромада, аз девор мешорад. Шавҳари ӯ - Акрамҷон ба бом мебарояд. Хасу хошоки тарноврο тоза карда истода, чашмаш ба ангуштарин меафтад.

- Ҳӯ занак, - аз ҳамон болои бом истода нидо мекунад шавҳараш, - шодиёна деҳ, узукатро ёфтам.

Ҳамин вақт ба ёди Маърифатой ҷастухези майнаҳо дар болои чорпоя расида, хурсандона нидо мекунад:

- Э муранд ин майнаҳо! Вақти ҷомашӯӣ болои чорпоя ҷастухез доштанд, аз афташ, ҳамонҳо дуздидаанд...

## КОФИР МУСУЛМОН ШУД

Ташвиқоти зиддидинӣ солҳои шаст дар авҷ буд. Яке аз роҳбарони воломақоми ҳизбӣ дар хоҷагие шуда, дар маҷлис раиси онро танқид мекунад.

- Дар хоҷагӣ маросимҳои динӣ дар авҷ, - мегӯяд ӯ. - Ба куҷое

наравед, “омин”-у “бисмиллоҳ”-ро мешунавед. Ин пеш аз ҳама айби раиси колхоз аст.

Раисро хуб сарзаниш кардаанд. Ҳатто ба ӯ “ҳайфи ту” эълон намудаанд.

Бо тақозои тақдир ҳамон роҳбари танқидчӣ ӯҳдадори назорати пахтачинии ҳамин колхоз мешавад. Раис бо наздиконаш гӯшакӣ мекунад, ки ба меҳмон илтифот намоянд, хушмуомила бошанд, калимаҳои “омин”-у “бисмиллоҳ”-ро ба забон наоранд ва ба пешаш дастархон ҳам накушоянд. Худашон, аз ҷумла, раис ҳам, дар ягон хонаи хилват хӯрок мехӯранд.

Онҳо ҳамин тавр карданд. Меҳмон ҳамроҳи раис аз як қитъаи пахтазор ба қитъаи дигар гузашта, аз ғуруснагиву ташнагӣ беҳолу бемадор мегардад. Маҷбур ба раис рӯ меорад:

- Аз гуруснагӣ бутун корам шуд-ку, раис. Гӯед ягон чиз биёранд, хӯрем.

- Одати мо то “бисмиллоҳ” нагӯянд, ба хӯрок даст дароз намекунанд. Баъди сер шудан шукронаи неъматро ба ҷо оварда “омин” мегӯянд.

- Шуд, шуд, ман ҳам “бисмиллоҳ”у “омин” мегӯям, - зуд розӣ мешавад меҳмон.

Бо ишораи раис ба пеши меҳмон дастархон мекушоянд. Вай мусулмон шуда, бо “бисмиллоҳ” даст дароз мекунад ва бо “омин” аз сари дастархон мехезад.

## ҶОН АЗ ДАСТУ ПО МЕБАРОЯД

Қурбонакаю Боқиака шуниданд, ки дӯсташон Ҳасанбой бетоб шудааст, хабаргирӣ рафтан хостанд. Вале қарор доданд, ки Турсунқулро ҳамроҳ намегиранд - чунки вай ҳангоми касалбинии Раҳматҷон гапҳои хунук зад. Бемор сахт хафа шуд.

Ҳамин тавр ду ҷӯра ба аёдати бемор равона шуданд. Ногоҳ аз пешашон ҳамон хунукгапи Турсунқул баромад.

- Ба куҷо рафта истодаед? - пурсид ӯ.

- Барои касалбинӣ ба хонаи Ҳасанбой, - гуфтанд ҷӯраҳо.

- Ман ҳам ҳамроҳ равам. Вай ҷӯраи ман ҳам аст.

- Не, - розӣ нашуданд онҳо. - Ту одами бӯйнокгап. Дили беморро меранҷонӣ.

Турсунқул ваъдаи қатъӣ дод:

- Не нагӯед. Ман ҷим, ба даҳонам об гирифта мешинам.

Вай бо чунин ваъдаҳо ба ҷону ҳолашон намонд. Онҳо розӣ шуданд.

Ба хонаи Ҳасанбой омада беморро диданд.

- Шукри худо аҳволатон нағз, рангу рӯятон бачо. Худо хоҳад, асп барин сиҳат шуда, хеста меравед, - дилбардорӣ карданд онҳо.



Турсунқул ҷим.

- Худамро гиронда мондам. - шикоят кард бемор.

- Ҳеҷ гап не. Одам гоҳо ҳамин хел ҳам мешавад. Чашмҳоятон тетик. Иштиҳоятон ҳам бад не. Худо хоҳад, баъди ду-се рӯз ба по мехезед, - пасу пеш гуфтанд Боқиакаю Қурбонака.

Турсунқул ҳамон ба даҳонаш қулф зада менишаст.

- Аммо нӯги дасту поям гоҳ-гоҳ хунук мешаванд.

- Ҳеҷ қисса не. Шабона кӯрпа аз болоямон ғеҷад, дасту пои мо ҳам хунук мехӯранд.

Турсунқул дигар тоқат карда натавониста гуфт:

- Э афсӯс! Охир ҷони одам ҳам аз нӯги дасту по мебароядди-я.

## ДОНИШҶӮИ “ҚАРЗДОР”

Солҳои ҷанг Академияи ветеринарии Маскав, ки ба шаҳри Самарқанд кӯчида омада буд, бисёр ходимони он дар Институти хоҷагии қишлоқи шаҳри мо дарс медоданд. Скрябин, Журавел ва дигар олимони машҳур аз ҳамин қабил буданд. Профессор Павел Петрович Виноградов вазифаи декани факултети байториро ба ҷо меовард.

Як донишҷӯи институт баногоҳ аз олам гузашт. Рӯзи дафн дар сари қабраш митинг оростанд. Ба қатори дигарон декани факултет Павел Петрович ҳам ба сухан баромада, аз ҷумла гуфт:

- Рафиқон, аз байни донишҷӯёни институт як студент рафт. Афсӯс, ки хеле ҷавон, аз сад гулаш як гулаш нашукуфта рафт. Мо ӯро медонистему ӯ моро мешинохт. Лекин, рафиқон, вай қарздор рафт. Аз фанни анатомия имтиҳонро насупурда рафт...

Рӯзи мотам, ҳама ғамзада буданд. Бо вуҷуди он баъзеҳо ин суханонро шунида, зери лаб пиқирросзанон хандиданд.

Кадоме луқма партофт:

- Ин хел бошад, акнун барои қабули имтиҳон худатон ба назданаш равед-дия.

## ИМТИҲОН - МУСОБИҚАИ ФИКРҲО

Дар институт Акбар ном донишҷӯ суст мехонд ва доим аз имтиҳонҳо қарздор мешуд. Ӯ ба дили муаллимону муаллимон ба дили ӯ зада буданд.

Боре яке аз муаллимон аз ӯ мепурсад:

- Укаҷон, шумо ҳеҷ набошад, чӣ будани имтиҳонро медонед?

- Медонам, муаллимҷон.

- Хӯш, имтиҳон чист?

- Имтиҳон - ин мусобиқаи фикрии ду шахси доно.

- Фикратон дуруст, - аз ин ҷавоб қаноатманд мегардад му-

аллим. - Акнун бигӯед, ки яке аз онҳо аҳмақ бошад чӣ?

- Яке аз онҳо аҳмақ бошад, - ҷавоб медиҳад ӯ, - дигаре бестипендия мемонад.

## ҶИНИЮ ДЕВОНА ҲАРДУ ЯК АСТ!

Аввали солҳои панҷоҳум вазифаи сардори хоҷагии коммуналии ноҳияи Сиёби шаҳрро Девонаев ном шахсе ба ҷо меоварод. Вай қоматбаланд, бадҳайбат, сиёҳҷурда ва рӯйпаҳн буд. Ҳамеша дар сар фуражка ва дар тан либоси ҳарбӣ дошт. Вақти муомила дағалона гап мезад.

Пиразани бетобнамои хирачашм барои тахт кардани ҳуҷҷатҳои ҳавлияш ба идораи хоҷагии коммуналӣ даромада мепурсад:

- Калони ин идора кӣ?

- Девонаев, - ҷавоб медиҳад марде.

Пиразан ҳайрон. "Магар Девонаев ҳам фамилия мешавад? - худ ба худ мегӯяд ӯ. - Аз афт, ин ҷавон маро масхара кард. Э худоё, ин чи рӯзе, ки бо кампир ҳам ҳазлу мазоҳ кунанд?!".

Баъди пурсуҷӯву даробарои мардум аниқ мешавад, ки дар ҳақиқат фамилияи сардори идора Девонаев аст. Хулоса, пиразан ба қабули сардор медароядд. Кори онҳо, ки ҳар рӯзи худо ҷангу ҷанҷол аст, Девонаев болои қаҳру ғазаб дағалона мепурсад:

- Чӣ мегӯӣ, кампир?

Аз ин хел пурсиши дағалона кампири бечора метарсад, дасту пояш меларзад ва канда-канда мегӯяд:

- Ме-ме-бахшед рафиқ Ҷиниев.

Оташи ғазаби Девонаев аз ин суханони кампир даҳчанд аланга мезанад.

- Падарлаънат, фамилияи ман Ҷиниев не, Девонаев!

Пиразан ба ҳаяҷон омада, бо ҳайрат мегӯяд:

- Ибӣ, чӣ фарқ дорад? Ҷинӣ чию девона чӣ, ҳарду як нест магар?..

## Э-Е, ИН ЗАНИ ХУДАМ-КУ?!

**(Аз нақли шодравон Ким Ҳотамович Самеъбоев)**

Бо як дӯстам, ки дар донишгоҳ муаллимӣ мекард, гоҳ-гоҳ нишаста, сӯҳбату садта-садта мекардем. Вай баъде, ки каме нӯшид, хаёли зани дигар мекард.

- Ҳӯ, Кимҷон, балота гирам, ягонтааша ёб.

Ин рафтори ӯ ба ман маъқул набуд. Агар як бероҳа шавад, аз зану фарзандонаш ҷудо шуданаш ҳеҷ гап не.

Барои пешгирии ин корреҷа кашидам.

Рӯзе боз ҳарду дар ресторане нишастем. Мехӯрдему менӯшидем. Кайфи дӯстам таранг шуда, боз ҳамон гапашро такрор кард.

- Ким, ягонтааша ёб!

- Хуб шудааст, - гуфтам. - Ҳозир бо таксӣ меравем.

Шаб торик шуда буд. Мо аз ресторан баромада, таксӣ доштем. Такси шаҳрро хуб давр зада, аз рӯи гуфтаи ман пеши дарвозае истод. Мо аз мошин фаромадем ва дарвозаро тақ-тақ кардем. Зани хушқаду қомати рӯйпӯшида бо нозу карашма ба пешвозамон баромад. Дӯстам булбул шуд.

- Ҷонакам, биёед, аввал шинос шавем. Не, не аввал як бӯсам. Мумкин шуморо ба оғӯш кашам? - гӯён ба ӯ часпид. Ман оҳиста қафо гурехтам.

Зан рӯяшро кушод. Вай зани худаш буд.

- Э ин зани худам-ку?! - гӯён дӯстам дар ҷояш ҳайкал шуд.

## ШУМО КИРО ИНТИЗОР?

Ду зани дуҷон дар истгоҳ омадани трамвайро интизор буданд. Ҳарду боз бачаҳои хурдсол доштанд, ки бояд ба боғча баранд. То омадани трамвай сӯҳбати онҳо кӯр гирифт.

- Хайр худатон нағз гаштед? Муллопочо сиҳату саломат?

- Ҳа, раҳмат, мешавад.

- И-е, боз сафи фарзандонатон зиёд мешудагӣ барин-а? - ба шиками ҳамсӯҳбаташ ишора карда пурсид дугонааш.

- Ҳамин хел шуда монд, - сурх шуда ҷавоб дод дигарӣ.

- Киро интизор?

- Духтарчаро, - баъди каме зеҳн мондан ӯ ҳам ба дугонааш гуфт. - Э, худатон ҳам дуҷон-ку.

- Ҳа, дугонаҷон. Падарам мегӯянд, ки фарзанди бисёр хуб аст.

- Хайр, шумо киро интизор.

- Ман писарро...

Ҳамин вақт дар истгоҳ марде пайдо шуд. Вай ҳам шиками калоне дошт. Яке аз кӯдакон ба ишками калони ӯ нигариста пурсид:

- Амак, шумо киро интизор?

- Трамвайро, - ҷавоб дод мард.

## ХУДАТОН ЁБЕД

Муаллими зоологияи як донишгоҳ вақти имтиҳон фақат қафо ё думи ҳайвонеро нишон дода, аз донишҷӯён талаб мекард, ки аввал номашро гӯянд. Баъд доир ба кадом оила. отряд, ё синф таалуқ доштани онҳо маълумот диҳанд. Ҳарчанд донишҷӯён илтимос кунанд, ки сарашро нишон диҳад, муаллим розӣ намегардад.

Рӯзи дароз ҳамин аҳвол идома меёбад. Бисёр донишҷӯён баҳои "бад" мегиранд.

Ноилоҷ як донишҷӯйи барои ҷасорат каме нӯшида медароянд ва ҷанҷол мебардорад:

- Эъ, шумо чӣ хел муаллим? Сари ҳайвонро нишон диҳед, ана баъд ман номашро гӯям.

Аз ин густохии донишҷӯ оташи қаҳру ғазаби муаллим баланд гашта, дӯғ мезанад:

- Фамилият чист?

Донишҷӯ рӯ гардонда, қафояшро нишон медиҳад ва мегӯяд:

- Акнун фамилияи маро худатон ёбед!

## "МУРҒБИРЁН"



Дотсентҳои университети давлатии шаҳри Самарқанд Ким Самеъбоев ва Қаюм Раҳимов барои иштирок дар кадом як конференсияи минтақавӣ ба шаҳри Душанбе меравинд ва чанд рӯз меҳмони Раҳмат Раҷабов (ӯ ҳам зодаи Самарқанд буда, дар вазифаи баланди савдо кор мекард) мешаванд.

Пеш аз гусел Раҳматака меҳмононро ба ресторан мебарад. Хуб зиёфат медиҳад. Аз афт мурғ ҳам мехӯранд, ки Қаюмака ба Раҳматака нигариста мегӯяд, ки барои дар роҳ - дар поезд хӯрдан ҳам мурғ шавад.

- Лозим не, - зид мебароянд Ким Самеъбоев.

- Мурғбирён мешавад! - мегӯяд Раҳматака.

Боз хӯрдану нӯшиданро давом медиҳанд. Ҳар замон пешхизмат омада, онҳоро хабардор карда меистад:

- Мурғи фарбеҳеро куштем.

- Онро тоза кардем.

- Пухта истодаем.

Дафъаи чорум ё панҷум омада хабар медиҳад:

- Мурғбирён тайёр шуд. Биёрем, ё печонда монем, ҳамроҳ мебаред?

- Ҳамроҳ мебарем, - ҷавоб медиҳад Раҳматака.

Аз ресторан мебароянд. Раҳматака меҳмононро ба поезд савор карда истода, "ана мурғбирён" гӯён коғазпечеро ба дасти онҳо медиҳад.

Дар роҳ гурусна мемонанд. Ҳамин вақт мурғбирён ба хотирашон мерасад. Коғазпечро кушоянд, аз дарунаш санги сиёҳе мебароянд. Ин ҳазли навбатии дӯстон буд.



## ҶАБРИ УСТОД...

Рӯзе мудири кафедраи физикаи Институти хоҷагии қишлоқ Акмал Назарович Ниёзов барои сохтани иморат ариза навишта, ба қабули раиси комиҷроияи шаҳр Саид Шокиров медарояд, ки замин ҷудо кунад.

- Муаллим, ана шумо ҳам ба назди ман сар хам карда омадед. Ман ҳам акнун қасдамро мегирам, ба аризаатон даст намемонам. Чунки дар вақташ шумо маро аз имтиҳонҳо гардонда, хуб азоб дода будед.

Муаллим Акмал Ниёзов, ки хурдҷуссаву қадпаст ва шӯху ҳазлкаш буд, зуд ҷавоб медиҳад:

- Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар! Агар ман шуморо азоб дода, бештар талаб намекардам, шумо соҳиби илму дониш намешудед ва ба ин мансаб ҳам намерасидед.

Раис мамнун ба аризаи муаллим имзо мегузорад.

## МАРО ҲАМА МЕШИНОСАД

Дар вокзали Қозони шаҳри Маскав чашми марди бузургҷусса ба як шахси ҷавонтари хушқаду қомат меафтад.

- Ука, ба тахминам шумо ҳам аз тарафҳои мо барин, - Самарқандро дар назар дошта мегӯяд Бозор Хушвақтов, - барои ман ҳам билет харед.

- Хуб шудааст, - гӯён Умед Исомиддинов барои ӯ ҳам билет мехарад.

Ба поезд мешинанд.

- Гап ҳамин, ки укаҷон, шумо аз мо хурд, - мегӯяд Хушвақтов, - акнун то рафтан хизмат-пизмат карда меистед-дия. Ман одами каму андак не. Маро ҳам дар Маскав, ҳам дар Самарқанд ҳама мешиносанд. Чи коре набошад, ба шумо ёрӣ расонда метавонам.

Дар поезд чор рӯз Исомиддинов ба хизматгори Хушвақтов табдил меёбад. Ниҳоят поезд ба истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Тошканд омада қарор мегирад. Исомиддинов ба тараддуди фаромадан меафтад.

- Ука ба Самарқанд оед, меҳмони хонаи мо шавед, - вақти хайрухуш мегӯяд Хушвақтов. - Аспирант Хушвақтов кӣ мешавад гуфта пурсед, ҳама нишон медиҳад.

- Албатта, албатта, шумо ҳам ба Тошканд биёед, маро фаромӯш накунед, - гӯён даъватномаашро медиҳад. Хушвақтов ба он чашм давонад ки: ИСОМИДДИНОВ, аъзо - корреспонденти Академияи илмҳои Ӯзбекистон, доктори фанҳои риёзиёт, профессор...

## ҶУФТ ШАВАД!

Солҳои шаст марде аз Душанбе ба Ургут меояд ва чанд нафарро ба тӯй хабар мекунад.

- Акаи Аннақул тӯйи хатнасури фарзандонашро мегузаронанд. Бисёртар шуда раветон. Ҳамаи хароҷоти рафту омад аз ҳисоби акаи Аннақул пардохта мешавад, - дар охир илова мекунад хабарчӣ.

Як рӯз пеш аз тӯй чор нафар аз хонаҳояшон мебароянд. Аввал дар як ошхонаи Ургут аз ҳисоби Аннақул ишкам сер карда, хуб менӯшанд. Аз ҳисоби Аннақул бо таксӣ ба Самарқанд меоянд. Дар ресторани аэропорт боз аз ҳисоби Аннақул гулӯ тар карда, шикам мечарронанд. Аз ҳисоби Аннақул билет харида, ба самолёт мешинанд. Дар аэропорти Душанбе ҳам як-ду шишаро "чувонмарг" карда, аз ҳисоби Аннақул ба таксӣ савор мешаванд. Он ҷо раванд, тӯй неву мурда. Падари Аннақул аз олам гузашта, тӯйро ба қафо партофтаанд.

Меҳмонони масту аласт, ки сарашонро аз пояшон фарқ карда наметавонанд, ба таги дари хонаи Аннақул меоянд. Онҳоро ба хонае таклиф мекунанд. Мулло дуои фотиҳа хонда шавад, яке аз мастҳо онро суруди ҳофизи тӯй пиндошта, қарсакзанон бо овози баланд талаб мекунад:

- Ҷуфт шавад, ҷуфт!

## "МУАЛЛИМИ" ХИЗМАТГОР

Ду самарқандӣ тасодуфан дар курорт бо ҳам вомехӯранд. Онҳо ҳамдигарро намешиносанд. Бинобар ҳамин ҳангоми шиносшавӣ яке бо ҳавобаландӣ мегӯяд:

- Ман, Усмон Файзиев, директори комбинати ордбарории райони Пастдарғам. Шумо, тақсир, дар кадом вазифа кор мекунед?

Дуввумӣ, Шароф Неъматов, соҳибвазифа бошад, ки дар ҷавоб хоксорона мегӯяд.

- Ман муаллим.

Усмонака инро шунида, тамоми корҳоро ба гардани Шарофака бор мекунад: бозору ӯчор, пухтупаз, шустушӯ, хулоса, ба дастиёр табдил медиҳад. Ҳатто вақти бозгашт бо фармони Усмонака ӯ барои билетхарӣ ба вокзал меравад.

Дар поезд ҳам Шарофака ба Усмонака хизмат мекунад.

Поезд дар истгоҳи Хавос қарор мегирад. Дар ин ҷо онҳоро мошини сабукрав интизор буд. Якҷоя то Регистон меоянд ва Усмонака бо хоҳиши Шарофака ба хонаи онҳо - гузари Дари Занҷир меҳмон мешавад.

Дар ин ҷо ба пешвози онҳо дастархони олиҷанобе ороста



буданд. "Муаллим ҳам зиндагии хуб доштааст-дия, - обу зиёфатро дида аз дил мегузаронад Усмонака. - Акнун маишат ҳам зӯр мешавад".

Хуб мешинанду мехӯранду менӯшанд.

Баъди зиёфат ҳамон мошин Усмонакаро ба хонааш - гузари Юсуфи харрот бурда мемонад.

Баъди ду рӯз корманди ҳизби вилоят Муҳаммадҷон Умаров ба хонаи Усмон Файзиев меравад. Усмонака ба таъриф медарояд.

- Ҳамроҳи ман муаллим Шароф Неъматов буд. Он тарафаш муаллим-дия, хуб хизматамро кард.

- Э мурed-е! Шароф Неъматов муаллим не, раиси комиҷроия.

- А? ! Ин хел бошад, мурдам!

## ДАРРО ЗАДАМ, ДЕВОР КАФИД

Ду бой бо ҳам дӯст буданд. Онҳо дар ҷойҳои дигар - дигар кору зиндагӣ кунанд, ки гоҳ-гоҳ вақт ёфта, меҳмони якдигар мешуданд ва зиёфатхӯрӣ мекарданд.

Боре ҳангоми зиёфат ба мӯйлаби соҳибхона донаи биринҷе мечаспад. Шогирдаш, ки ҷавони доно буд, оҳиста мегӯяд:

- Тақсир, ба шохи гул булбул нишастааст.

- Ташаккур, - гӯён бой аз мақсад огоҳ шуда, зуд биринҷро аз мӯйлабаш меафшонад.

Пас аз чанде онҳо ба сайри боғ мебароянд. Меҳмон ба ҳоҷатхона рафта меояду шогирдаш ба дасти ӯ об мерезад. Вай дастшӯён ба шогирдаш насиҳатомез мегӯяд:

- Ана, дидӣ, усулу одоб чӣ хел мешавад?! Хизматгори соҳибхона "ба мӯйлабатон биринҷ часпидааст" нагуфта, "ба шохи гул булбул нишаст" гуфт. Ту ҳам ҳамин хел бомаданият сухан кардан, усулу одобро ёд гир.

- Хуб шудааст, - ваъда медиҳад шогирд.

Аз байн чанд рӯз мегузарад. Дар сари дастархон, дар авҷи зиёфат ба риши ҳамон бой нонрезае мечаспад. Шогирди нодон усулу одоби баланди худро нишон доданӣ шуда мегӯяд:

- Тақсир, ҳамон ҳолате, ки дар назди ҳоҷатхона гуфта будед, дар ин ҷо ҳам рӯй дод!

## ОДАТИ ХУБ

Шахсе мардикорро ба хонааш меорад. Мардикор мебинад, ки ҳоло хӯрок тайёр не, ба кор сар мекунад. Хӯрокро кашида оранд, зуд хӯрда, боз ба кор мечаспад.

Ин ҳол то бегоҳ давом мекунад. Бегоҳ мардикор ҳаққи хизматашро гирифта меравад. Аз ин соҳиби хона хурсанд мешавад.

Дафъаи дуюм мардикори дигарро меорад. Вай дар хӯрдан сустӣ мекунад. Аз сустхӯрии мардикор соҳиби хона ба танг омада мегӯяд:

- Хӯрокхӯриатон чунин бошад, коратон чӣ хел аст, худо медонад. Равед, ба шумо ҷавоб.

Мардикор коре накардаву музде нагирифта, монда меравад.

Дафъаи саввум он шахс боз мардикор меорад. Иштиҳои ин мардикор ғозгир буд. Вай тез-тез хӯрокро мехӯраду сер намешавад ва бо умед ба сӯи ошхона менигарад. Инро дида, соҳиби кор мепурсад:

- Сер нашуда бошед, хӯроки ҳаққи пешинатонро ҳам биёрем?

- Майлаш, - розӣ мешавад мардикор.

Онро ҳам мехӯраду ҳамон оташи иштиҳояш хомӯш намегардад.

- Аз афт боз сер нашудед, - мегӯяд соҳиби кор. - Ин хел бошад, хӯроки бегоҳиатонро ҳам хӯреду баъд рӯзи дароз кор кунед.

Мардикор розӣ мешавад. Баъди хӯрдани хӯроки ҳаққи бегоҳиаш ба дастархон омин карда мегӯяд:

- Барои хӯрок раҳмат. Акнун ба ман ҷавоб. Аз рӯи одат ман баъди хӯрдани хӯроки бегоҳирӯзӣ кор намекунам.

## ГОВИ ДУГОНИКЗОЙ

Замонҳои пеш Маннон ном марде аз Исо ном шахсе қарз мегирад. Мӯҳлати баргардондани қарз шавад, ки ӯ намедиҳад. Исо маҷбур ӯро пеши қозӣ мебарад.

Вақти қазия - пурсуҷӯ Маннон ба сӯи қози бо табассуми маънидор чашмакӣ мезанад. Қозӣ зуд ба дигарон мефармояд:

- Ҳамаатон аз қозихона бароед, ман бо ин одам якка ба якка гапзанон мекунам.

Баъди баромадани мардум Маннон ба гӯши қозӣ пичиррос-занон мегӯяд:

- Қозибобо, ман аз кишмишии шумо бо Ойпошшохола хабар дорам. Ҳамаашро бо чашмони худ дидам...

- Ҷим, ҷим! - амр мекунад қозӣ. - Ту даҳонатро бандӣ, ман корро ба фоидаи ту ҳал мекунам.

- Кошки ҳамин хел шавад, - розӣ мешавад Маннон.

Қозӣ мегӯяд, ки ман туро гӯё мезанаму ту дод зан. Яъне, бо овози баланд "ман ҳарина!", "ман ҳарина!" гӯй.



Ҳамин тавр ҳам мекунанд. Баъд қозӣ одамонро ҷеғ зада мепурсад, ки шумо чӣ шунидед. Ҳама, аз ҷумла Исо ҳам, мегӯяд, ки "ман ҳарина", "ман ҳарина" гуфтани Маннонро шунидем.

- Худатон медонед, ки одами ҳарина ҷинӣ аст. Аз одами ҷинӣ пул рӯёнда намешавад. Чӣ илоҷ? Ба ҳамаатон ҷавоб ба хона - хонаҳоятон равед.

Баъди рафтани онҳо қозиву Маннон танҳо мемонанд, Маннон мегӯяд:

- Як гови серширу дугоникзой дорам. Ҳамонро биёрам, мегиред?

- Майлаш, - хурсандона розӣ мешавад қозӣ. - Вайро биёрӣ, оғилат бемол намонад. Барои ҳамин гӯсолаи маро бар.

Маннон гӯсоларо бурда, кушта мехӯрад.

Аз байн рӯзҳо гузаранд, ки аз гови серширу дутозой дарак не. Қозӣ маҷбур Маннонро ҷеғ зада, говро талаб мекунад.

- Чӣ хел гов? - ҳайрон мешавад Маннон. - Одами ҳарина ҳар чиз гуфтан мегирад-дия. Наход даррав шумо бовар кардед?!

## ХУРӮСХОИ МО - КОММУНИСТ

Ба хоҷагие як гурӯҳ комиссия меояд. Раиси хоҷагӣ мудири фермаи паррандапарвариро, ки бевазани хушқаду қомат ва хеле зебо буд, ба наздаш даъват мекунад:

- Ана вай мардак зоотехник будааст, - яке аз аъзоёни комиссияро нишон дода мегӯяд. - Вай албатта фермаи туро тафтиш мекунад. Аз худат гап намемонад. Ба хонаат таклиф карда, зиёфат деҳ. Чунон кун, ки мо гап нашунавем.

Он мард фермаро мебинад, тафтиш мекунад, ҳуҷҷатҳоро аз назар мегузаронад. Баъди кор, бегоҳӣ мудир ӯро ба хонааш меорад. Вақти зиёфат хуб менӯшанду мехӯранду сӯҳбат мекунанд.

- Барои зиёфат раҳмат. Шаб ҳам нисф шуд, акнун ман ба меҳмонхона равам, - аз ҷой хестанӣ шуда мегӯяд меҳмон.

Зан намемонад, ки хона бисёр асту дар ҳамин ҷо хобад.

Мард розӣ мешавад. Ба вай дар хонаи алоҳида ҷой мепартояд. Баъди чанде бошад, зан худро орову торо дода, бо либосҳои шабпӯшӣ ба бағали меҳмон медарояд.

- Шумо чӣ кор карда истодаед, ман зану бача дорам.

- Ҳеҷ гап не. Ин як дилхушӣ. Ман даъво намекунам, - гуфта зан ба ӯ наздиктар мешавад.

- Не, не ин кор мумкин не. Охир, ман коммунист!

- Ин хел бошад, мебахшед, - гӯён зан аз хона мебарояд.

Рӯзи дигар тафтишот боз идома меёбад. Комиссия аз кам будани чӯҷаҳо эрод гирифта мегӯяд:

- Чаро чӯҷаҳо кам?

Мудир бо қаҳр ҷавоб медиҳад:

- Чунки хурӯсҳои мо коммунист!

## ТУХМДУЗД

Солҳои ҷанг зиндагӣ душвор буд. Қимативу қаҳтӣ ҳукмфармоӣ мекард. Фақат аҳволи мардуми молдор каме беҳ буд.

Дар оилае зану шавҳар бо панҷ нафар фарзандони худ умр мегузаронданд. Онҳо як мурғ доштанд. Агар мурғ тухм кунад, зан онро ба даруни атола (ордоба) меандохт ва ё аз он ягон таоме мепухт, ки ҳама хӯранду сер шаванд. Ҳамин тавр зан рӯзҳоро кӯр мекард.

Тобистон тухм гум шудан гирифт. Мурғ ба катак медаромад. Баъд қут-қуткунон ба берун мебаромад. Вале рафта бинанд, тухм нест.

Модар аз писари калониаш гумонбар мешавад, ки вай чашми ҳамаро хато карда, тухмро дуздида мехӯрад.

Писар бо нон қасам мехӯрад, ки тухм намедуздад. Бо вуҷуди он модар бовар накарда, ӯро сарзаниш менамояд. Ин ба писар сахт алам карда, як рӯз мепояд: мурғ ба катак даромада тухм мекунад ва баромада, ба қут-қуткунӣ медарояд, ки море аз сӯрохии катак пайдо шуда тухмро мехӯрад. Писарак бо чолокӣ морро зада мекушад ва ҷасадашро болои чӯбе бардошта, пеши модараш меорад.

- Оча, шумо маро беҳуда ҷанг кардед. Тухмдузд ман не, ана ин будааст!

Рӯзи дигар мурғ боз тухм мекунад. Ин дафъа тухми он насибаи бачаҳо мешавад.

## МУРҒИ МУСАММО

Подшоҳе ба муллое эътиқоди калон дошт. Ӯро "Эшонбобо" гуфта, қариб ҳар рӯз ба даргоҳаш таклиф мекард ва зиёфати шоҳона медод. Рӯи дастархон пур аз нозу неъматҳои нестдарҷаҳон бошад, ки Эшонбобо ҳатман мегуфт:

- Мурғи мусаммояш нест-ку?!

Ё:

- О кани мурғи мусаммояш, ҷаноби олӣ?

Аз ин гуна эродҳои мулло, ки охир надошт, подшоҳ дарғазаб шуда, рӯзе ба вазираш мефармояд:

- Ба хонаи нимторик як кӯза обу як косаи холӣ монед. Дар шифташ бошад, аз қади мулло саҳл баландтар нони қоқеро овезед. Ана баъд эшонро дар ҳамон хона даровварда, аз болояш қулф занед ва дар пушти дар истода гӯш андозед, ки вай чӣ мегӯяд...

Вазир зуд фармони подшоҳро ба иҷро мерасонад. Ҳарчанд Эшонбобо "Шумо чӣ кор карда истодаед? Ман пири подшоҳ, аз болои шумо ба ӯ арз мекунам, ҷазоятонро мебинед?" гӯяд ҳам, касе эътибор намедиҳад. Ӯро маҳбаси он хона месозанд.

Аз байн ду рӯз мегузарад. Рӯзи сеюм Эшонбобо бисёр гуруснa мемонад. Ба боло нигариста, чашмаш ба нони қоқи овезон меафтад. Бо ҷаҳду талош ва зӯрзаниҳои зиёд охиру охирон ҷаҳида нонро мегирад. Ба косаи об онро тар карда мехӯрд, ки чунон хуштаъм, чунон ширин, чунон бомазза...

- Бай-бай, мурғи мусаммояш шояд ҳамин бошад, - худ ба худ мегӯяд ӯ.

Ин хабарро ба подшоҳ мерасонанд. Подшоҳ табассум карда, Эшонбоборо аз маҳбас озод мекунад.

## ҲОТАМИ ҶАВОНМАРД

Номи Ҳотами Той аз Ашриқ то Машриқ овозаю дарвоза. Ҳама ӯро таърифу тавсиф мекунанд. Саховату дасткушодӣ ва мурувваташро беваю бечорагон ба осмони ҳафтум мебардоранд. Дар забони ҳама ному таърифи ӯ...

Ин ба подшоҳ сахт мерасад. Вай подшоҳи як мамлакати калон бошаду мардум кадом як Ҳотами Тойро таъриф кунанд, ин чӣ гап? Бинобар ҳамин подшоҳ қарор медиҳад, ки ӯро кушад ва мардум дигар номашро ба забон наоранд.

Бо ҳамин мақсад подшоҳ як рӯз либосҳои оддӣ ба бар карда, ҳамчун шикорчӣ ба ҷустуҷӯи Ҳотам мебарояд. Вай хеле роҳ паймуда, бефара мешавад. Дар биёбон чашмаш ба кӯрғоне меафтад. Мехоҳад, ки ба ҳамон ҷо рафта, каме дам гирад.

Ба кӯрғон наздик шудан баробар марди бечораҳоле ба пешвозаш мебарояд.

- Хуш омадед, меҳмони азиз, марҳамат, ба дарун дароед, - ду даст ба пеши бар гирифта, таклиф мекунад. - Хоки поятон тӯтиё, чанд рӯз меҳмони азизи мо шуда, кӯфти роҳро бароред.

Подшоҳ медарояд. Соҳибхона зуд ба пеши пояш шутур мекушад, обу зиёфат медиҳад. Дили меҳмон ҳар чизе хоҳад, муҳайё месозад.

Меҳмонии ӯ ду рӯз давом мекунад. Рӯзи сеюм ба тараддуди рафтан афтода, ба соҳибхона дил мекафонад:

- Барои меҳмондорӣ раҳмат. Одами ҳимматбаланде будаед. Ин некии шуморо ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Боз дар ин ҷо истоданам мумкин буд, вале корам заруру рафтанам даркор. Ман подшоҳи ҳамин мамлакат. Мардум подшоҳро монда, кадом як Ҳотами Тойро таъриф мекунанд. Ман дар ҷустуҷӯи ҳамон Ҳотам баромадаам ва то ӯро накушам, намемонам.

- Ин хел бошад, ман ҳозир, - гӯён мизбон ба хона даромада, пас аз лаҳзае мебарояд ва саршро болои кундае монда мегӯяд:

- Ҳотам манам. Марҳамат, маро кушед.

Подшоҳ ба ҷавонмардии Ҳотам тан дода тавба мекунад ва аз нияташ мегардад.

## ФАРМОН ВА ИҶРО

Барои беҳбудии зиндагии ҳайвоноти боғ аз боло фармон омад. Мувофиқи он фармон чор ҳайвоне, ки хусусиятҳои бад доранд, аз боғ хориҷ карда шуда, ба ҷои онҳо чор адад ҷонвароне, ки сифатҳои хуб доранд, ба "баланси" боғи ҳайвонот даровaрда шаванд.

Чӣ илоҷ? Фармон, ки аз боло омад, иҷро кардан шарт.

Роҳбари боғ ҷамъомаде гузаронд ва ин масъаларо ба муҳокима гузошт. Яке хеста гуфт:

- Ман таклиф мекунам, ки филро аз боғ ронем. Вай аз ҳад зиёд калони ноҳинҷор ва дабардӯққӣ аст.

Дигаре аз ҷой хеста, пешниҳод кард:

- Нест бод тӯтӣ! Вайро аз боғ пеш кардан лозим. Зеро вай бисёр серҷоғ аст.

Сеюмӣ заррофаро ном гирифт ва суханашро асоснок кард:

- Вай аз ҳад зиёд ҳавобаланд аст! Ҳамеша саршро ба осмон карда мегардад.

Чорумӣ бо қатъият гуфт:

- Хурӯсро дафъ кардан лозим. Вай бисёрзана аст ва ба аҳли боғ намунаи ибрат шуда наметавонад.

Ин таклифҳо ба ҳама маъқул шуд ва онҳоро якдилона барои аз боғ рондан қарор қабул карданд.

Масъалаи дуввум - ба боғ роҳ додани чор ҳайвони дорои сифатҳои хуб ба миён омад. Боз онҳо як-як аз ҷой хеста, таклиф карданд:

- Ман мехоҳам, ки ба фил дар боғ ҷой дода шавад. Вай ҳайвони калонтарину бақувваттарини боркаш аст.

- Ман таклиф дорам, ки тӯтӣ ҷонвари хуб аст. Вай ҳамаро аз рӯи инсофу адолат танқид мекунад.

- Пешгоҳи боғ ҷои заррофа аст. Вай ҷонвари дурбину дурандеш мебошад.

- Хурӯс бо занҳо самимона муносибат мекунад. Боғ бехурӯс боғ нест!

Ҳамин тавр ҳарду фармоиши боло иҷро шуд.

Вале зиндагии аҳли боғи ҳайвонот беҳ нагашт.



## СӮХТОР

Се кӯкнорӣ дар лаби ҷӯй "кайф" доштанд. Ба назарашон ҷӯйча дарё барин менамуду пудинаву ҷойрӯбаҳои лаби он мисли дарахтон. Яке аз онҳо бо чашмони нимкофу хуморӣ ба сӯи дигаре нигариста мегӯяд:

- Мулло Ҳалим, ҳо мулло Ҳалим! Агар дар даруни дарё сӯхтор ба амал ояд, моҳиҳо чи кор мекунанд?

Ҳама ҳайрон. Баъди чанде шарики ӯ лаб ба сухан мекушояд:

- Э ба ҳамин ҳам ақлатон намерасад? Худоё, тавба... Наход одам ҳамин қадар калтафаҳм шавад-а?! Охир дурусттар зеҳн монед: дарахтҳо барои чӣ? Агар дар дарё сӯхтор ба амал ояд, моҳиҳо парида ба болои дарахтон мебароянд-дия!

Кӯкнории саввум бошад, баъди андешаи амиқу дурудароз чунин мегӯяд:

- Шумо ҳам ҳеҷ балоро намедонистаед, калтафаҳм! Моҳиҳо гов буданд магар, ки парида ба болои дарахтон бароянд?!

## ҚАЙМОҚ

Кӯкнорӣ ғарқи "кайфи" худ буд, ки ҳамсараш ғурбат бардошт:

- Э шумо чи хел мард? Ягон ҳунару ҳайдаре надоред, кору боратон кайфу маишат! Ақаллан ҳамин як коса қаймоқро ба бозор бурда, якто мурғ харида биёред.

Аз ин гуна ҷанҷолу ғурбати зан кӯкнорӣ каме ҳушёр шуда мегӯяд:

- Биёр қаймоқатро! Ман онро ба бозор мебарам.

Зан як коса қаймоқро ба дасти шавҳараш доду вай ба сӯи бозор равон шуд. "Ҳозир ба бозор рафта, ин қаймоқро фурӯшаму ба пулаш якта мурғ харам, мурғ дар даҳ рӯз даҳто тухм мезояд. Тухмҳоро фурӯхта, ба пулаш боз чор адад мурғ харам, мурғҳо панҷто мешаванд. Пангҷ мурғ дар давоми даҳ рӯз 50-то тухм кунанд. Ҳамин тавр мурғҳо торафт зиёд шаванд, ҳавлию ҳарами калоне созам. Бой шавам, аспи тозие харам. Ана баъд бо аспу милтиқ ба шикор меравам. Аз пеш оҳуе барояд, "исто" мегӯям. Агар наистад, шарти бо милтиқ мепарронам..." - гӯён косаи қаймоқро парронд.

Коса ба замин зада, шикаст ва қаймоқ рехт.

## ТАРС

Кӯкнорие кӯкнорашро хӯрда, аз болои он чормағзу мавиз тановул кард. Аз таъсири кӯкнор торафт чашмонаш нимроғу нимхоб гашта, зери лаб ким-чиҳое мегуфт. Ҳамин вақт писари шӯху шаттоҳи ҳамсоя омада, ба паҳлӯяш нишаст ва гуфт:

- Амак, ман шуморо бисёр дӯст медорам.

Кӯкнорӣ бо чашмони хумораш ба писари ҳамсоя нигариста, миннатдории худро изҳор кард:

- И-и-ҳӣ!

Писар суханашро давом дод:

- Имшаб шумо ба хобам даромадед, амак. Шумо дар болои шутур будед.

Кӯкнорӣ каме тарсида гуфт:

- Эъ, эъ, эъ!

Шӯхиашро давом дода, писари ҳамсоя илова кард:

- Шутури шумо, амак, яке ба болои манор баромад.

Кӯкнорӣ саҳл монд, ки аз ҳуш равад:

- Э вой, эъ-вой-е!

Писари ҳамсоя боз суханашро давом дода, гуфт:

- Бачаҳои ҳозира, амак, ҷувонимаргбоб-дия. Аз поён як банд алафро ба шутур нишон доданд. Шутур алафро дида, худро аз болои манор ба замин партофт!

- Вой дод! - гӯён кӯкнорӣ ба замин афтод ва аз ҳуш рафт.

## "ХУДО, БАНДААМ БИГӮ..."

Дар деҳоти кӯҳистон марди соддаву худоҷӯе зиндагонӣ мекард бо номи Рустам. Ӯ ҳар рӯз панҷ вақт намоз гузошта, шабу рӯз худоро ба ёд меовард ва такрор ба такрор бо овози баланд мегуфт: "худо, бандаам бигӯ".

Шодӣ ном марди айёре, ки аз зиндагӣ ва молу ҳоли Рустам бохабар буд, даст ба фиребу найранг зад. Шабе ин марди айёр дар болои боми хонаи Рустам пинҳон шуд. Шабона, вақте ки марди худоҷӯ бо овози баланд "худо, бандаам бигӯ" гуфт, ӯ дарҳол дасташро пеши даҳонаш овардаву овозашро тағйир дода, ҷавоб дод:

- Бандаам намегӯям!

- Барои чӣ? - гуфта пурсид Рустам.

Марди айёр гуфт:

- Ту даҳ сар гов дорӣ, яктояшро ба фалонӣ, дуввумашро ба бисмадонӣ... даҳумашро ба Шодӣ бидеҳ!

Рӯзи дигар Рустам говҳоро ба шахсони номбаршуда тақсим карда дод.

Чанде нагузашта, Рустам боз ҳамон гапашро такрор карда, гуфт, ки "худо, бандаам бигӯ" боз овози "бандаам намегӯям"-и Шодӣ шунида шуд.

Рустам гуфт:

- Говҳоро тақсим карда додам-ку?!

- Хабар дорам, - дар ҷавоб гуфт Шодӣ, - аммо ту боз бист



сар гӯсфанд дорӣ. Онҳоро ҳам дутогӣ ба ҳамонҳо тақсим карда бидеҳ.

Рустам гӯсфандҳоро ҳам тақсим карда дод.

Аз байн як ҳафта нагузашта, боз ҳамон гуфту шунид такрор шуд.

Ба суханони Рустам "худо, бандаам бигӯ" ҷавоби Шодӣ "бандаам намегӯям" шунида шуд. Рустам ба ҳаяҷон омада, гуфт:

- Чаро бандаам намегӯӣ? Охир ман говҳоро ҳам, гӯсфандонро ҳам ба мардум тақсим карда додам-ку?!

Боз овози Шодӣ ҳамчун нидои худо ба гӯшаш расид:

- Ҳамаашро медонам ва дида истодаам. Аммо ту боз 22 ҳазор сӯм пул ҳам дорӣ. Гумон мекунӣ, ки ман инро намедонам? Ҳа, ҳамааш ба ман маълум...

Рӯзи дигар Рустам пулҳоро ба ёздаҳ қисм тақсим карда, ба ҳамон одамоне, ки гӯё аз тарафи худо таъкид карда шуда буд, расонд. Албатта, Шодии айёр ҳам соҳиби ду ҳазор сӯм шуд.

Бо ин гуна фиребу найранги Шодӣ Рустам аз гову гӯсфанд, пул ва дигар чизу чораҳояш ҷудо шуд ва муфлис гардид.

Баъди ягон моҳ боз ба ҷавоби "худо, бандаам бигӯ"-и Рустам ҷавоби "бандаам намегӯям"-и Шодӣ омад. Рустам бо қаҳру ғазаб гуфт:

- Бандаам нагӯй, нагӯй, садқаи сарам! Аммо якта шолчаам монд, ман онро ба ҳеҷ кас намедиҳам!

## АГАР ХАР НАЁБАМ...

Шикорчие туфангашро бардошта, дар кӯчаҳои деҳа мегашт. Ҷӯрааш ӯро дида пурсид:

- Ҳа, имрӯз ҳам ба шикор меравед?

- Ҳа. - ҷавоб дод ӯ.

- Маро ҳамроҳ намебаред?

- Ҳозир хар кофта истодаам. Агар хар наёбам, туро ҳамроҳ мебарам.



## МУНДАРИЧА

Марди дарёдили дидадаро .............. 3

Аз саргузаштҳо .............................. 4

Аз ҳаёти аҳли адаб, илм ва ҳунар .... 12

Воқеаҳо, ҳикояҳо, ривоятҳо ................ 21

Нашри адабию бадеӣ

**Фаттоҳ МАҶИДӢ**

**НЕКӢ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД**

Нашриёти "Зарафшон",
Самарқанд-2005, 40 саҳифа

Муҳаррир: А. Шукуров

Муҳаррири техникӣ: Р.Ҳакимов

Мусаҳҳеҳ: П.Шарофова

Ба матбаа 10-уми ноябри соли 2005 супорида шуд.
Ба чопаш 18 ноябри соли 2005 имзо шуд.
Андозааш 84x108 1/32. Ҷузъи чопӣ 2,5. Адади нашр 200 нусха.
*Нархаш шартномавӣ.*

Нашриёти «Зарафшон»
703000 шаҳри Самарқанд, кӯчаи Амир Темур, 12.

Дар матбааи хурди Институти сервис ва иқтисодиёти
*шаҳри Самарқанд чоп шуд.*